ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ПАЖУҲИШГОҲИ РУШДИ МАОРИФ БА НОМИ АБДУРАҲМОН ҶОМИИ АКАДЕМИЯИ ТАҲСЛОТИ ТОҶИКИСТОН

Бо ҳуқуқи дастнавис

ВБД: 372.8:809.155.0+373
ТКБ: 74.261:81.2.тоҷ+74.2
А – 45

АЗИЗӢ МУЛЛОБОБО ҶОМЕЪИДДИН

АСОСҲОИ ПЕДАГОГИИ РУШДИ ТАҲСИЛОТИ ФАРОГИР БО ҲАДАФҲОИ ИҶТИМОИШАВИИ БАЧАГОНИ ДОРОИ ИМКОНИЯТАШОН МАҲДУД ДАР МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ МИЁНАИ УМУМИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

АВТОРЕФЕРАТИ
диссертация барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.9. Назария ва методикаи ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (педагогикаи иҷтимоӣ)

ДУШАНБЕ – 2026

Диссертатсия дар шуъбаи педагогика, психология ва методикаи таълими Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмон Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон иҷро шудааст.

Роҳбари илмӣ: **Негматов Саъдуллоҷон Эргашевич** - доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи забоншиносии умумӣ ва типологияи муқоисавии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Муқарризони расмӣ: **Маҷидова Бибиҳафиза** - профессори кафедраи педагогикаи махсус ва таҳсилоти фарогири Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Ҳакимова Ҷамила Сайфуллоевна - номзади илмҳои педагогӣ, сармутахассисаи шуъбаи педагогика ва методикаи таълими Академияи таҳсилоти Тоҷикистон

Муассисаи пешбар: **МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров"**

Ҳимояи диссертатсия санаи «25» декабри соли 2026, соати 13:00 дар ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.KOA-030-и назди Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон (734024, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи А.Адҳамов, 11/2, e-mail: sharifa.kotibova@mail.ru; тел.: 2276246; 55 999 31 20) баргузор мегардад.

Бо диссертатсия дар китобхона ва сомонаи шурои диссертатсионии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон (https://shurodis-prmatt.tj) шинос шудан мумкин аст.

Автореферат «24» ноябри соли 2026 тавзеъ шудааст.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ, н.и.п., дотсент **Котибова Ш.П.**

МУҚАДДИМА

Мубрамияти мавзуи таҳқиқот

Таҳсилоти фарогир ҳамчун падидаи нави фазои таълиму тарбия аз масъалаҳоест, ки таваҷҷӯҳи донишмандон, муҳаққиқон, омӯзгорон ва хонаводаҳоро беш аз пеш ба худ ҷалб мекунад. Зиёда аз он, таҳсилоти фарогир қисми ҷудонашавандаи сиёсати давлату ҳукмат дар соҳаи маориф маҳсуб ёфта, ба таълиму парвариши кӯдакону бачагони талаботи махсусдошта равона мегардад ва барои таъмини ҳуқуқи баробар доштан ба таҳсил, иҷтимоишавии кӯдакон ва бачагони носолим, имконияташон маҳдуд ва ноқис, дорои талаботи махсус (маъюбӣ, камақлӣ, ношунавоӣ, нобиноӣ, мушкилоти гап задан ва инкишофи руҳидошта) роҳи васеъ мекушояд.

Чанд сол пеш бо ташаббуси Академияи таҳсилоти Тоҷикистон “Консепсияи миллии таҳсилоти фарогир (инклюзивӣ) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои кӯдакони имконияташон маҳдуд барои солҳои 2011-2015” [8] ба тасвиб расида буд . Дар он самтҳои асосии таҳсилоти фарогир ҳамчун низоми нав ва пешқадами фаъолияти педагогӣ бо бачагони талаботи махсусдошта муқаррар ва муайян гардида, дар роҳи эътибор ва эътирофи арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ қадами нек ва хайрандеш гузошт.

Қабул ва татбиқи консепсия имкон медиҳад, ки бачагони дорои нуқсонҳои мухталифи ҷисмонӣ зеҳнӣ, ақлӣ, руҳӣ ва амсоли он бо таълиму тарбияи босифат фаро гирифта шуда, худро узви баробарҳуқуқи ҷомеа эҳсос кунанд. Татбиқи консепсия аз волидон, муассисаҳои таълимӣ, омӯзгорон, ҷомеа ва давлат бобати иҷтимоишавии бачагони носолим ва ба таҳсил талаботи махсусдошта таваҷҷуҳи ҷиддиро тақозо мекунад. “Таҳсилоти фарогир аз байн бурдани монеаҳоеро дар назар дорад, ки барои ҳар як кӯдак ба таври алоҳида барои таъмини зиндагии шоистаи ӯ метавонад вуҷуд дошта бошад” [3, с.109].

Тазаккур бояд дод, ки мафҳуми “таҳсилоти фарогир” моҳиятан ва мантиқан рукни ҷудонашавандаи ба таълиму тарбия фарогирии бачагони мактабхон сарфи назар аз талаботхо, ниёзҳо, ноқисиҳо, иллатҳои гуногуни ақлӣ, ҷисмонӣ, рӯҳӣ ва амсоли он мебошад. Вазифа аз он иборат аст, ки муаммоҳои мавҷуда ва мушкилоти мутобиқшавии кӯдакону бачагони дорои имкониятҳои маҳдуд ба муҳити мактабу ҷомеа, ба марому низоми таълиму тарбия бомуваффақият ҳалли худро бояд ёбад.

Қобил зикр аст, ки таҳсилоти фарогир ҳамчун шакли муосири таълиму тарбияи якҷоя сарфи назар аз нуқсонҳои зеҳнӣ, ҷисмонӣ, иҷтимоӣ ва умуман солимии кӯдакону бачагони мактабхон пазируфта шудааст. Ҷараёни ҷалби ашхоси дорои талаботи махсус дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ фароҳам овардани шароити мусоиди кор ва таълимро масъалаи аввалиндараҷа меҳисобад. Аз ҷумла, фаъол намудани марказҳои ёрирасон дар самти кӯмак расонидан ба муассисаҳои таҳсилот, ки бо таълими инклюзивӣ машғул мебошанд.

Асолат ва рисолати таҳсилоти фарогирро таҳаммулпазирӣ ва эҳтиром дар доираи бартараф кардани ҳама гуна ихтилофҳо, фарқият ва тафовут байни бачагони дорои имкониятҳои маҳдуд ташкил медиҳад. Муҳим он аст, ки барои бачагони дорои норасоиҳои дарк, ва зеҳн, узвҳои шунавоӣ, биноӣ,

такягоҳӣ ва ҳаракат (даст, по, сутунмуҳра, ки ҳаракат ва идораи онро таъмин мекунанд) таъмини шарту шароитҳои махсуси таълиму таҳсил тақозо мегардад.

Ғояҳои бузурги башардӯстӣ ва инсонпарварӣ, дасти мадад ба афроди дорои эҳтиёҷ ба иҷтимоишавӣ, фароҳам овардани шароити мусоиди пайваст шудани онҳо ба омузиши фанҳои мактабӣ, илму ҳунар аз масъалаҳои асосии сиёсати давлат дар самти таҳсилоти фарогир мебошад.

Дар ин росто муттаҳидии неруҳои гуногуни ҷомеа: воситаҳои ахбори умум, ташкилотҳои некхоҳ ва хайрхоҳу мададрасон, сохторҳои тиҷорат ва бизнес, созмонҳои ғайридавлатӣ аз ҳадафҳои муҳимми татбиқи таҳсилоти фарогир ва ба таълиму парвариш дастрасӣ пайдо кардани кудакону бачагони дорои имкониятҳои маҳдуд бояд гардад. Матлаби асосии чунин ташаббус ва иқдомот ташаккули шуури фарогир дар доираи ҷомеа, муҳити хонавода ва мактабу маориф маҳсуб меёбад.

Дар робита ба мавҷудияти мушкилот дар ташкили бонизом ва мураттаби таҳсилоти фарогир ҳали як силсила масъалаҳои муҳим зарур шуморида мешавад. Аз ҷумла, яке аз вазифаҳои асосӣ – ташкили инфрасохтори моддӣ мебошад, ки барои омӯзиши кудакони маъюб ҳамчун заминаи моддӣ-техникӣ ва марбут ба лавозимоти зарури таълимӣ ва чун воситаи таъмини раванди таҳсилоти фарогир хидмат мекунад.

Шиносоӣ бо вазъи воқеии таҳсилоти фарогир дар ҷумҳурӣ, таҳлили барнома ва нақшаҳои таълимӣ собит месозад, ки набудани имкониятҳои такмили ихтисос барои омӯзгорони ин соҳа яке аз масъалаҳои умда буда, ба татбиқи амалӣ ниёзи калон дорад. Омӯзгори соҳибмаҳорат ва соҳибтаҷриба мебояд, ки аз технологияҳои педагогии муосир ва дастрас огоҳӣ дошта бошад ва дар раванди таълими бачагони дорои иллатҳои гуногундошта аз дастур, пешниҳод ва методикаи пешқадам истифода карда тавонад. Барои чунин афрод муҳити дилхоҳи таълиму тарбия бояд муҳайё кард, то худро хушбахт ва бенуқсон эҳсос карда бошанд.

Принсипҳои умдаи таҳсилоти фарогир дар Тоҷикистон чунин қисматҳоро дарбар мегирад:

1. Ҳуқуқи баробарӣ доштан ба таҳсил ва парвариш сарфи назар аз вазъи солимӣ ва мамониатҳои ҷисмонӣ, зеҳнӣ, шунавоӣ, биноӣ ва амсоли он.

2.Таълим дар муҳити таҳсилоти миёнаи умумӣ, иштирок дар чорабиниҳои гуногуни мактабӣ ҳамроҳ бо ҳамсолони худ.

3. Муносибатти инфиродӣ ба кудакони имкониятҳои маҳдуддошта. Аз лиҳоз барои онҳо омода кардани барномаҳои мутобиқшудаи таълимӣ, дастгирии руҳӣ (психологӣ ва педагогӣ) аз вазифаҳои аввалиндараҷа аст.

4. Ба вуҷуд овардани муҳити бемонеа. Муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ барои кудакони нуқсондор ҳама гуна имкониятҳои маиширо бо дарназардошти ҳучраҳои гигиенӣ, ҷойи қазои ҳоҷат, асбобу ашғоли заруру лозим ва амсоли он муҳайё бояд карда бошанд.

5. Кӯмак ва дастгирии омӯзгорон. Ба ин мақсад ҳайати педагогҳои мактаб бо тайёрӣ ва омодагии махсус мунтазам дар курсҳои такмили ихтисос сабақгардонӣ карда, барои ҳуқуқи кор кардан дар муҳити инклюзияро ба даст оранд.

Дар айни замон фаъолият дар самти таҳсилоти фарогир дар Тоҷикистон хелк хуб оғоз ёфтаву идома дорад ва барои расидан ба ҳадафҳои гузошта ҳама гуна чораҳои зарурӣ ва мушаххас андешида мешаванд, то кӯдакони ноқисиҳои гуногундошта сарфи назар аз мушкилоти мавҷуда барои дастрасӣ ба таҳсили босифат муваффақ гарданд.

Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ

Рушди таҳсилоти фарогир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф буда, дар навбати худ аз масъалаҳои аз пажуҳиши илмӣ-амалӣ андаке дурмонда маҳсуб меёбад. Сарфи назар аз мавҷудияти базаи меъёрӣ-ҳуқуқӣ ва корбасти барномаҳои махсуси таълимӣ муносибати ҷиддӣ ба таҳқиқи масъалаҳои мубрами рушди таҳсилоти фарогир бо ҳадафҳои иҷтимоишавии бачагони дорои имконияташон маҳдуд танҳо солҳои охир ба доираи пажуҳишҳои муназзам ва мураттаб кашида шуд.

Дар илми педагогикаи ҷаҳонӣ таҳқиқи масъалаҳои рушди таҳсилоти фарогир шуруъ аз солҳои 70-уми асри гузашта ба миён омада, як зумра олимон ва муҳаққиқони олами Ғарб, аз ҷумла, М.Ванг (ИМА), М.Айзенштейн (Фаронса), Н.Норвич (Британиё), донишмандони шинохтаи рус П.П.Блонский, Л.С.Виготский, В.П.Кащенко, С.Т.Шацкий, Н.Н.Малофеев, С.В.Алёхина, Т.Неретина, Е.Н. Кутепова, Т.В.Чиркова, И.А.Соловьёва, А.Г.Асмолов ва дигарон ҳамчун нахустин намояндагони ин соҳаи наву ҷадид ба майдони пажуҳиш қадам гузоштанд.

Дар асарҳои мондагори К.Д.Ушинский, П.Ф.Лесгафт, П.В.Каптерев махсус зикр шуда буд, ки шиносоӣ бо ҳаёти кӯдак дар муҳити хонавода, ҷомеа, новобаста аз синну сол, бохабар шудан аз вазъи саломатии ӯ ва бемориҳояш – вазифаи ҷонии мост. Аз ҷумла, В.П.Кащенко чунин гуфта буд: “Мо кӯдакро ҳатман ва ҳамаҷониба бояд дониста бошем, зиёдатар аз он, ки ин ё он қисмҳои мошинаи худро хуб медонем ва бо он сару кор дорем” [7, с. 24].

Дар Тоҷикистон бо ташаббуси Академияи таҳсилоти Тоҷикистон “Консепсияи миллии таҳсилоти фарогир барои БМТ (бачагони талаботи махсус дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2015” ба тасвиб расида буд [8]. Дар он самтҳои асосии таҳсилоти фарогир ҳамчун низоми ҷадиди фаъолияти педагогӣ бо бачагони талаботи махсусдошта муқаррар ва муайян гардида, дар роҳи эътибор ва эътирофи арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ қадами нек ва хайрандеш гузошт.

Дар партави татбиқи консепсияи миллии таҳсилоти фарогир дар Академияи таҳсилоти Тоҷикистон таҳти унвони “Донишномаи таҳсилоти фарогир” [6] вожаҳо ва истилоҳоти махсуси таҳсилоти фарогирро нашр гардид, ки дар он миқдори зиёди мафҳумҳои ТФ аз назари тафсир, баён, шарҳ ва эзоҳ муҳтавои масъаларо дарбар мегирад.

Татбиқи ин падидаи нави таҳсилот дар қисмати дахлдори “Стратегияи миллии рушди маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи то соли 2030” зикр ёфта, аз масъалаҳоест, ки донишмандон, муҳаққиқон, омӯзгорон ва хонаводаҳоро дар ҷалб кардан ва фаро гирифтани ашхоси дорои имконоти маҳдуд равона месозад.

Дар китоби донишмандони ватанӣ Маҷидова Б., Юнусова Н.М., Қурбонова Г.А. асосҳои бунёдӣ-методологии рушди таҳсилоти фарогир дар Тоҷикистон ҳамчун сарчашмаи боэътимод маълумотҳои дақиқ, сайри

таърихӣ, заминаҳои густариш ва таҳаввули масъалаи мавриди назарро аз нигоҳи илмӣ ва пешниҳодҳои амалӣ дарбар мегирад [2].

Дар китоби донишманди ватанӣ шодравон Байзоев А. “Масъалаҳои мубрами ислоҳоти маориф” [3] ва дастури дастаҷамъонаи “Таҳсилоти фарогир (инклюзивӣ): Дастури таълимӣ барои донишкадаҳои такмили ихтисос (таҳти назари Байзоев Азим) и бо қарори Шурои олимони Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмон Ҷомӣ рӯйи чоп омадааст [14], як силсила масъалаҳо, аз ҷумла, шарҳи муҳимтарин мафҳумҳо, мушахассоти умумии таҳсилоти фарогир, роҳу усулҳои имконпазири татбиқи таҳсилоти фарогир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва амсоли он мавриди баррасӣ ва ҳалу фасл қарор гирифтааст, ки қадами назаррас ҷониби муҳиммияти масъала дар самти таҳсилоти фарогир арзёбӣ мегардад.

Муҳаққиқи ватанӣ Р.Рамазонова дар дастури таълимӣ “Бозӣ воситаи ислоҳ намудани нуқсони нутқ дар ташаккули қобилияти хонандагони таҳсилоти ибтидоӣ” фикру ақидаи худро дар мавзуҳои бозиҳои серҳаракати миллӣ, фолклори хонандагони нуқсони нутқдошта, меъёри омодагии педагогӣ-психологии хонандагон ба таълими савод, хусусиятҳои бозиҳои таълимӣ ва машқҳои дамгирӣ, бозиҳо барои маҳорати хондану навиштан, монандкунии овоз, ҳарф ба ашё, бозӣ воситаи асосии дарсҳои саводомӯзӣ пешниҳод намудааст [11].

Масъалаи истифодаи корҳои ислоҳӣ аз тарафи муҳаққиқони ватанӣ Т.М.Ҳақназаров оид ба ислоҳи нуқсонҳои нутқии кӯдакони синни томактабӣ тавассути технология ва барномаҳои компютерӣ [17], М.Дадабоева – вижагиҳои кор бо кӯдакони дорои норасоиҳои шунавоӣ [4], Д.Салямова - хусусиятҳои лакнатзабонӣ дар кӯдакон ва технологияи бартарафсозии он [12] мавриди пажуҳиш ва тавсияҳои ҷолиб қарор ёфтааст.

Соли 2019 дар Конфронси бонуфузе, ки дар Академияи таҳсилоти Тоҷикистон бо ташаббуси ноиби президент, академик Каримова И.Х. таҳти унвони “Уфуқҳои таҳсилоти фарогир: мушкилот, муаммо ва дурнамо” баргузор шуда буд, мутахассисон аз мамлакатҳои гуногуни собиқ Иттиҳоди Шуравӣ (Русия, Беларус, Арманистон, Қазоқистон, Ӯзбекистон, Қирғизистон) ширкат варзиданд. Дар ҷараёни муҳокиву музокирот мутахассисони ба конференсия даъватшуда бо намоиш ва гузаронидани дарсҳои намунавӣ (мастер-класс) оид ба таҷрибаи роҳандозии таҳсилоти фарогир дар кишварҳояшон маълумоти фасеҳ ва ҷолибро пешниҳод карданд.

Қобил қайд аст, ки муҳаққиқи ватанӣ Ҳакимова Ҷ.С. рисолаи номзадии худро оид ба проблемаи муҳимми рушди таҳсилоти фарогир дар мавзӯи “«Вижагиҳои дидактикии ташкили фаъолияти амалӣ дар шароити таҳсилоти фарогир» (дар пойгоҳи мактаб-интернат барои кӯдакони ношунаво) бомуваффақият дифоъ намуда, собит кард, ки ин самти то ҳол таҳқиқнаёфтаи илми педагогикаи муосир пешомадҳои ҷолиб дорад [16].

Рисолаи муҳаққиқи ватанӣ Мирзоева Д.С. дар мавзӯи “Фаъолгардонии хонандагони имконияти маҳдуддоштаи зинаи таҳсилоти ибтидоӣ дар раванди таълими фарогир бо истифода аз технологияи ғайрианъанавӣ” (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон) ба фароҳам овардани шароитҳои педагогии фаъолгардонии усули ғайрианъанавӣ дар ислоҳ намудани нуқсони нутқ дар дарсҳои забони модарии таҳсилоти ибтидоӣ бахшида шуда, усулҳои

ғайрианъанавиро ҳамчун омили ислоҳ намудани нуқсони нутқ барои баланд бардоштани самаранокии таълим дар зинаи таҳсилоти ибтидоии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мавриди баррасӣ қарор додааст [9].

Ногуфта намонад, ки дар заминаи Донишгоҳои давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ ва Донишгоҳи славянии Тоҷикистону Русия, ҳамчунин колледжҳои омӯзгории ноҳияи Ҳисор ва шаҳри Турсунзода барномаҳои таҷрибавӣ (пилотӣ) оид ба таъсиси муҳити инклюзивӣ барои донишҷӯёни маъюбу маслух ва дорои имкониятҳои маҳдуд бо дастгирӣ ва ёрии созмонҳои байналмилалӣ (Япония, Русия, ЮНИСЕФ) амал мекунанд ва натиҷаҳои дилхоҳ медиҳанд.

Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва ё мавзуъҳои илм. Таҳқиқоти мазкур дар доираи иҷрои барномаҳо ва мавзуъҳои пажуҳиши илмӣ сурат гирифта, натиҷа ва хулосаҳои он дар таҳия, вусъат ва такмили низоми таҳсилоти фарогир мавриди истифода қарор хоҳад гирифт. Баррасӣ ва таҳлили мавзуи диссертатсияи мазкур дар доираи Барномаи дурнамои корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи педагогика ва психологияи Донишгоҳи омӯзгории Тоҷикистон дар шаҳри Панҷакент барои солҳои 2024-2028-ум тибқи «Масъалаҳои умдаи илми педагогикаи муосир ва равоншиносӣ”, аз ҷумла, “Дурнамои рушди таҳсилоти фарогир дар муассисаҳои таълимии шаҳру навоҳии Панҷакент”, амалигардонии нуктаҳои муҳимми Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи то соли 2030, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ҳифзи иҷтимоии маъюбон (2010), Консепсияи таҳсилоти фарогир (инклюзивӣ) (2011-2015), Конвенсияи байналмиллалӣ оид ба маъюбон (2018), Конвенсия дар бораи ҳуқуқҳои кӯдак (2010), Эъломияи умумии ҳуқуқи башар (2010), Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи маориф”, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд”, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак”, нақшаи корҳои илмӣ-таҳқиқотии Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмон Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон оид ба масъалаҳои рушди таҳсилоти фарогир дар ҶТ ба анҷом расидааст.

ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

Дар рисола тавсифи умумии таҳқиқоти диссертатсионӣ оид ба асосҳои педагогии рушди таҳсилоти фарогир бо ҳадафҳои иҷтимоишавии бачагони дорои имконияташон маҳдуд дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шудааст. Дар он манбаҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқот дар самти фароҳам овардани шароити мутобиқ корбаст ва татбиқи таҳсилоти фарогир ва иҷтимоишавии бачагони дорои имкониятҳои маҳдуд дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, асоснокии меъёрҳо, монеаҳо, вазъи кунунии рушди низоми таҳсилоти фарогир ва роҳҳои бартараф кардани мушкилот ва муаммоҳои иҷтимоишавии бачагони дорои имкониятҳои маҳдуд мавриди баррасии комил ва ҳаллу фасл қарор гирифтаанд. Ҳамзамон робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва стратегияҳои давлатӣ асоснок гардидааст.

Мақсади таҳқиқот. Коркарди асосҳои назариявӣ ва методологии рушди таҳсилоти фарогир дар таълим, тарбия ва рушди хонандагони дорои имкониятҳои маҳдуд, муайян намудани дурнамо ва роҳу равиши рушди муназзам ва мураттаби таҳсилоти фарогир дар заминаи таъсиси муҳити созгори инклюзивӣ, иҷтимоишавӣ, ҳамкории мактаб, хонавода ва ҷомеа дар роҳандозӣ ва татбиқи босифати таҳсилоти фарогир.

Вазифаҳои таҳқиқот:

1. Муайян кардани асосҳои бунёдӣ-методологии рушди таҳсилоти фарогир дар таълим, тарбия ва рушди хонандагони дорои имкониятҳои маҳдуд бо ҳадафҳои иҷтимоишавии онҳо:

- тавзеҳ ва шарҳу тафсири вожаҳо, истилоҳот ва мафҳумоти марбут ба таҳсилоти фарогир дар адабиёти илмии педагогӣ ва психологӣ;
- баррасии вазъи кунунии рушди низоми таҳсилоти фарогир дар ҷумҳурӣ ва роҳҳои бартараф кардани мушкилот ва муаммоҳои мавҷуда дар таълим, тарбия ва иҷтимоишавии бачагони дорои имконияташон маҳдуд.

2. Гузориши масъала ва ҷанбаҳои асосии ташкили муҳити инклюзивӣ ҳамчун шароити мутобиқи таъмин ва татбиқи таҳсилоти фарогир дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии мамлакат:

- роҳандозии дигаргуниҳои ҷиддӣ ва таҳаввул дар фаъолияти мактаби даврони муосир, шуури волидон ва ҷомеа дар таҳкими пояҳои устувори таҳсилоти фарогир;
- ошкор кардани вижагиҳои муносибат бо афроди дорои имкониятҳои маҳдуд ва ҳадафҳои иҷтимоишавии онҳо дар муҳити таҳсилоти фарогир.

3. Муқаррар кардани дурнамо ва роҳу равиши рушди босамари низоми таҳсилоти фарогир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон:

- таҳсилоти фарогир ва мактаби фарогир – ду модели ба ҳам тавъам, ҷуфт ва муносиби татбиқи консепсияи фаро гирифтани бачагони дорои имкониятҳои маҳдуд ба раванди таълим ва тарбия;
- таҳқиқи мақом ва рисолати омӯзгору волидон, ҳамкории тарафайн дар роҳандозӣ ва татбиқи босифати таҳсилоти фарогир ва иҷтимоишавии бачагони дорои имконияташон маҳдуд;
- санҷиши роҳу равиши самараноки фаъолияти дастандаркорони муассисаҳои таълимӣ, омӯзгорон, мутахассисони соҳаи таҳсилоти фарогир дар ҷараёни санҷиш ва озмоиш;
- коркард ва пешниҳоди роҳҳои такмили таҳсилоти фарогир ва арзёбии натиҷаҳо дар партави Консепсияи таҳсилоти фарогир.

Объекти таҳқиқот - раванди ташаккул, таҳаввул ва рушди таҳсилоти фарогир дар таълим, тарбия, рушд ва иҷтимоишавии бачагони дорои имкониятҳои маҳдуд ҳамчун ашхоси ба таҳсил талаботи махсусдошта.

Мавзуи (предмет) таҳқиқот – асосҳои педагогии рушди таҳсилоти фарогир дар таълим, парвариш, рушд ва иҷтимоишавии хонандагони дорои имкониятҳои маҳдуд дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии ҷумҳурӣ.

Фарзияи таҳқиқот – таҳсилоти фарогир ҳамчун падидаи тозаи низоми сиёсати давлат дар соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҷалби бонизоми кӯдакону бачагони дорои имкониятҳои маҳдуд ба раванди таълиму тарбия дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар сурате ба натиҷаҳои меоварад, ки **агар:**

- ҳамчун масъалаи педагогӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва ҳуқуқӣ аз нигоҳи арзишҳои инсонӣ ва умумибашарӣ рукни ҷудонашавандаи ба таълиму тарбия фарогирии бачагони дорои имкониятҳои маҳдуд сарфи назар аз талаботу ниёзҳо, ноқисию иллатҳои гуногуни ақлӣ, ҷисмонӣ, руҳӣ пазируфта шавад;

- муаммоҳо ва мушкилоти воқеии мутобиқшавии (адаптатсия) кӯдакону бачагони дорои имкониятҳои маҳдуд ба муҳити мактабу ҷомеа, қобилияти ворид ва пайваст шудани онҳо ба марому низоми таълиму тарбия аз масъалаҳои ҳаётан муҳим ва ҳалталаб дониста шавад;

- вижагиҳои муносибат бо афроди дорои имкониятҳои маҳдуд ва муаммоҳои иҷтимоишавии онҳо дар муҳити таҳсилоти фарогир ошкор гардида, ҷалби чунин афрод ба таълиму тарбия истиқбол ва дастгирии комил ёбад;

- таҳсилоти фарогир ва мактаби фарогир чун ду модели ба ҳам тавъам, ҷуфт ва муносиби татбиқи консепсияи фаро гирифтани бачагони дорои имкониятҳои маҳдуд ба таълим ва тарбия корбаст гардад;

- ҳамкории омӯзгорону волидон дар роҳандозӣ ва татбиқи босифати таҳсилоти фарогир бо дарназардошти хусусиятҳои инфиродӣ ва нуқсонҳои гуногуни бачагони дорои имконияташон маҳдуд дар робита ба дастгирии муассисаҳои таҳсилот, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва марказҳои нерӯбахш таъмин карда шавад;

- роҳҳои такмили таҳсилоти фарогир ва арзёбии натиҷаҳо тавассути омода кардани маводҳои иловагии дидашаванда, расму суратҳои гӯё ва равшану намоён, ҷадвалҳо, тахтаҳои электронии иртиботӣ (коммуникативӣ), дастгоҳҳои электронӣ, таҷдиди назар кардани нақшаҳои таълим, ҷорӣ намудани усулҳои пешқадам ва муосири таълим, омодагии ёварони ашхоси маъюбу махлус, кӯмаки мураббиён ҳангоми иҷрои супоришҳои хонагӣ ба ҳукми иҷрою амал ворид карда шавад.

Асосҳои назариявии таҳқиқот. Асосҳои назариявии таҳқиқотро асарҳои илмии педагогҳои барҷастаи ватанӣ оид ба ташаккул ва таҳаввулу рушди таҳсилоти фарогир (Каримова И., Сулаймонӣ С., Маҷидова Б., Юнусова Н.М., Қурбонова Г.А., Байзоев А., Неъматов С.Э.), олимони барҷастаи рус (К.Д.Ушинский, П.Ф.Лесгафт, П.В.Каптерев, В.П.Кащенко, П.П.Блонский, Л.С.Виготский, С.Т.Щацкий, Н.Н.Малофеев, С.В.Алёхина, Т.Неретина, Е.Н. Кутепова, Т.В.Чиркова, И.А.Соловьёва, А.Г.Асмолов), муҳаққиқони хориҷӣ (М.Ванг, ИМА; М.Айзенштейн, Фаронса; Н.Норвич, Британиё), ҷомеаи илмии педагогӣ, равоншиносӣ ва мутахассисони соҳаи тиб (логопедҳо, сурдопедагогҳо) ташкил медиҳанд.

Сарчашмаи маълумот: Асарҳо, монографияҳо, рисолаҳои илмии педагогӣ, психологӣ (равоншиносӣ) оид ба масъалаҳои мухталифи ташкил ва такмили низоми таҳсилоти фарогир, Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии танзимкунандаи фаъолияти касбию педагогӣ дар соҳаи маориф; санадҳои меъёрию ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф, аз ҷумла, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», №1004 аз 22 июли 2013 (моддаи 4**:** Принципи асосӣ – баробарии шаҳрвандон дар гирифтани таҳсилоти босифат ва дастрасӣ ба таҳсилоти миёнаи умумӣ; моддаи 6: Ҳукумат кафолат медиҳад, ки шаҳрвандон, новобаста аз миллат,

нажод, ҷинс, забон, дин, эътиқод, вазъи иҷтимоӣ ва молӣ, ҳуқуқ ба таҳсил доранд); Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти иловагӣ», ки татбиқи амалии сиёсати давлатӣ ва асосҳои ташкилӣ, ҳуқуқӣ ва иҷтимоии таҳсилоти иловагӣ маҳсуб меёбад; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар барои таълиму тарбияи кӯдак» – таъмини масъулияти хонавода (оила) ва муассисаҳои таҳсилот дар раванди таълим ва тарбияи фарзандон; Стратегияи миллии рушди маориф дар давраи то солҳои 2030, Стандарти давлатии таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ, ҳуҷҷатҳои инъикоскунандаи талабот ва тағйирот дар амалияи таълиму тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҷрибаи пешқадами педагогӣ ва омӯзгорони ватанию хориҷӣ.

Заминаҳои эмперикӣ. Заминаҳои эмпирикии таҳқиқот дар заминаи омӯзиш, мушоҳида, санҷиш, таҳлил, ҷамъбаст, ҳамкорӣ бо объекти таҳқиқшаванда, минҷумла, барномаҳои таълимӣ бобати таҳсилоти фарогир, ташкил ва гузаронидани санҷиш-озмоиш, тавсиф ва натиҷагирӣ, тасниф ва хулосаю ҷамъбаст бо истифода аз усулҳои арзёбӣ, муқоиса, таҳлил, синтез; дар асоси натиҷаҳои бадастомада асоснок кардани далелҳои илмӣ тавассути корбасти нишондиҳандаҳои сифатӣ, маълумоти оморӣ рӯйи кор омадаанд. Тазаккур медиҳем, ки ҳамчун заминаи эмперикӣ “Барномаи асосии мутобиқшудаи таҳсилоти миёнаи умумӣ” (БАМТМУ) - стандарти умумии таълим барои норасоиҳои шунавоӣ, биноӣ ва нутқ, инчунин “Барномаи махсуси инфиродии рушд” (БМИР) барои бачагони дорои вазъи ногувори рушди инфиродӣ дар роҳи мутобиқгардонии раванди таълим ва омода шудани бачагони дорои имкониятҳои маҳдуд мавриди истифода қарор дода шуданд.

Пойгоҳи таҳқиқотро муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии шаҳру навоҳии Панҷакент (МТМУ №№ 4, 6, 12, 13, 24, 35, 39, 41), ки ба ҳайси муассисаҳои асосии санҷишӣ-озмоишӣ интихоб шуда буданд, ташкилоти ҷамъиятии Маркази дастгирии «Нури умед» дар шаҳри Панҷакент (Ҷамоати деҳоти Саразм, деҳаи Чимқалъа), Маркази тавонбахши “Рахшон” дар шаҳри Панҷакент ташкил доданд. Дар раванди таҳқиқот таҳсили фарогири беш аз 182 нафар хонанда ба манзари мушоҳида ва таҳлил қарор гирифта шуда, иштироки 24 нафар омӯзгор ва 32 нафар падару модар дар раванди санҷиш-озмоиш тавассути пурсишнома аз назар гузаронида шуд.

Навгонии илмии таҳқиқот:

- бори нахуст дар илми педагогикаи ватанӣ асосҳои бунёдӣ-методологии таҳсилоти фарогир чун проблемаи педагогӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва ҳуқуқӣ таҳқиқ ва аз таҷрибаву озмоиши педагогӣ гузаронида шуд;

- тавзеҳ ва шарҳу тафсири вожаҳо, истилоҳот ва мафҳумоти марбут ба таҳсилоти фарогир дар адабиёти илмии педагогӣ ва психологӣ фарохтар ва амиқтар мавриди баррасӣ ва таҳлилу ҷамъбаст қарор гирифт;

- вазъи кунунии рушди низоми таҳсилоти фарогир дар ҷумҳурӣ ва роҳҳои бартараф кардани мушкилот ва муаммоҳои мавҷуда бо асосҳои илмии бартарафсозии монеаҳо ва сабабҳо ибрози назар гардид;

- роҳандозии дигаргуниҳои ҷиддӣ ва таҳаввул дар фаъолияти мактаби даврони муосир, шуури волидон ва ҷомеа дар таҳкими пояҳои устувори

таҳсилоти фарогир ҳамчун рукни боэътимоди ҷалби бачагони дорои имконияташон маҳдуд ба раванди иҷтимоишавии фаъол корбаст гардид;

- вижагиҳои муносибат бо афроди дорои имкониятҳои маҳдуд ва ҳадафҳои иҷтимоишавии онҳо дар муҳити таҳсилоти фарогир равшан ва мушаххас карда шуд;

- андешаҳои асосноки илмӣ дар робита ба таҳлили ду модели ба ҳам тавъам, ҷуфт ва муносиби татбиқи ғояҳои таҳсилоти фарогир: таъсиси мактаби фарогир ва синфҳои ресурсӣ (таълими бачагони дорои нуқсонҳо дар синфҳои махсус ҳини дастгирӣ ва пуштибонии педагогҳои соҳибтаҷриба) ҳамчун сарчашмаи боэътимоди таҳаввули ҷалби бачагони дорои имконияташон маҳдуд ба таълим, тарбия ва иҷтимоишавӣ ба миёни гузошта шуд;

- дар рафти таҳқиқот ду усул/равиши педагогии “мейнстриминг” (ҳамгироӣ ва фаъолияти якҷояи бачагони дорои имкониятҳои маҳдуд ва бачагони солим) ва “синфҳои ресурсӣ” мавриди таҳлили комил ва пешниҳодҳои мушаххас қарор гирифт;

- тавассути лоиҳаи “Муҳити дастрас” барои бачагони дорои имкониятҳои маҳдуди саломатӣ бо ташаббуси барномаи иклюзивии муаллифи рисола ва ташкилоти ҷамъиятии “Нури умед” барои кӯдакон ва бачагони дорои нуқсонҳои гуногуни саломатӣ, ҷисмонӣ, ақлӣ, зеҳнӣ, руҳӣ, маъюбу маслух кӯмак ва ёрии доимӣ ташкил карда шуд;

- собит карда шуд, ки робитаи пайвастаи омӯзгорону волидон дар роҳандозӣ ва татбиқи босифати таҳсилоти фарогир ҳамчун омили пешбарандаи раванди таҳсилоти фарогир мусоидат мекунад;

- коркарди технологияи самаранок ва арзёбии натиҷаҳои фаъолияти санҷишӣ-озмоишӣ салоҳиятмандии омӯзгоронро оид ба омодагии инклюзивӣ бобати фаро гирифта шудани кулли бачагони дорои нуқсонҳои ҷисмонӣ, зеҳнӣ ва руҳию равонӣ ба таълиму тарбия мушаххас гардонд.

Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:

1. Маълум гардид, ки вазифаи асосӣ дар ин самт - мутобиқшавии (адаптатсия) кӯдакону бачагони мушкилотҳои гуногундошта ба муҳити мактабу ҷомеа, қобилияти ворид ва пайваст шудани онҳо ба марому низоми таълиму тарбия маҳсуб меёбад.

2. Таҳқиқот нишон дод, ки таҳсилоти фарогир на танҳо масъалаи педагогӣ, балки иҷтимоӣ, фарҳангӣ, ҳуқуқӣ ва рукни таркибии тақозои ҷомеа мебошад. Маълум шуд, ки дар таҳияи низоми мураттаб ва мақсадноки таҳсилоти фарогир дар шароити Тоҷикистон баррасии масъалаҳои марбут ба ташкили муҳити таҳсилоти фарогир дар робита ба имкониятҳои фаровони мавҷуда бояд матраҳ ва таҳқиқу баррасӣ гардад.

3. Муайян гардид, ки иҷтимоишавии бачагони дорои имкониятҳои маҳдуд раванди ногузири дарк ва қабули меъёрҳо, арзишҳо, малакаҳои рафтору муносибат ва муошират дар доираи ҷомеа мебошад. Он имкон медиҳад, ки бачагони дорои иллатҳои гуногун, аз ҷумла, ҷисмонӣ, зеҳнӣ ва идроки ноқис ба воқеияти олами беруна ва муҳити мактабу хонавода пайваста мутобиқ шаванд, бо атрофиён муомила, муносибат ва муошират карда тавонанд, ба қобилияти фикр кардан фурӯ раванд.

4. Муқаррар карда шуд, ки дар роҳи татбиқи ҳадафҳои асосӣ масъалаҳое ҳали худро меёбанд, ки дар таъмини инфрасохтори муҳити таҳсил барои кӯдакон ва бачагони дорои эҳтиёҷоти махсус имконият ва шароитҳои мусоидро фароҳам оварад. Дар ин росто омодасозии мутахассисони соҳаи педагогикаи фарогир, таҳияи воситаҳои махсуси таълимӣ (барномаҳо, китобҳои дарсӣ, воситаҳои айёнӣ, технологияи муосири иртиботӣ-иттилоотӣ), саҳми вазоратҳо, ташкилотҳои ғайридавлатӣ, Марказҳо, Ҷамъиятҳо, волидон ва ҷомеа муассир буда, барои ҷалби кӯдакону бачагон ба таҳсилоти фарогир ва фаъолияти иҷтимоии онҳо саҳми арзанда мегузорад.

Аҳаммияти назариявии таҳқиқот:

- дар рисола дар робита ба мазмун ва моҳияти таҳсилоти фарогир мафҳуми “инклюзия” амиқу мушаххас гардида, ба маънои васеъ, яъне на танҳо ба бачагони дорои иллатҳои ҷисмонӣ ва маъюбият, балки нисбат ба кулли ашхоси ба таҳсил талаботи махсусдошта ба истифода меравад;

- таҳия ва коркарди асолатҳои таҳсилоти фарогир ҳамчун падидаи нодиру мӯъҷиза ва бозёфт (феномен) дар самти таъмини баробарҳуқуқии кӯдакону бачагони дорои имкониятҳои маҳдуд собит гардида, арзишҳои умумибашарӣ, инсондӯстӣ, рушди зеҳну маърифат, эҷодкорӣ, риояи тавозуни хусусиятҳои этникӣ, омилҳои эҳсосу ҳиссиёт ва физиологии шахсият ба қатори вазифаҳои муқаддас гузошта мешавад;

- дар рисола ғоя ва идеологияи умдаи таҳсилоти фарогир ҳамчун унсури таҳаммул ва эҳтиром нисбат ба ашхоси дорои имконияташон маҳдуд бидуни мавҷудияти нуқсонҳою норасоиҳои солимӣ шарти муҳимми иҷтимоишавии онҳо мавриди эътибор ва қабул гузошта шудааст;

- собит гардид, ки рушди муосири технологияҳои замонавӣ, аз ҷумла, “ассистивӣ” (ёрирасон) ҳамчун барномаи махсус барои кӯдакон ва бачагони нобино ва камбино тавассути клавиатураҳои мутобиқшудаи компьютер, аудио ва видеокитобҳо барои омӯзиш ва раванди иртибот (муошират) шароити мусоид фароҳам меорад;

- дар рисола татбиқи амалии гузариш аз ғояи “тафриқа” ба амсилаи “фарогирӣ” ҳамчун нерӯи пешбарандаи модели сегрегативӣ (таъсиси мактабҳои махсуси фарогир) ба миён гузошта шудааст.

Аҳаммияти амалии таҳқиқот:

Рисолаи илмӣ дар роҳи ҳаллу фасли муаммоҳо ва мушкилоти мутобиқшавии кӯдакону бачагони дорои имкониятҳои маҳдуд ба таҳсилоти фарогир (муҳити мактабу ҷомеа, қобилияти пайваст шудани онҳо ба марому низоми таълиму тарбия) ҳамчун масъалаҳои ҳаётан муҳим ва ҳалталаб андешаҳои ҷолиб ва равиши корбастро пешниҳод мекунад. Муҳимтар аз ҳама вижагиҳои муносибат бо афроди дорои имкониятҳои маҳдуд ва муаммоҳои иҷтимоишавии онҳо дар муҳити таҳсилоти фарогир ошкор гардида, ҷалби чунин афрод ба таълиму тарбия равшан ва мушаххас карда шудааст. Истифодаи натиҷаҳои дар рафти таҳқиқот баррасишуда ва санҷидашуда дар робита ба таҳлили ду модели ба ҳам тавъам ва муносиби татбиқи ғояҳои таҳсилоти фарогир: таъсиси мактаби фарогир ва синфҳои ресурсӣ (таълими бачагони дорои нуқсонҳо дар синфҳои махсус ҳини дастгирӣ ва пуштибонии педагогҳои соҳибтаҷриба) ҳамчун сарчашмаи боэътимоди таҳаввули ҷалби

бачагони дорои имконияташон маҳдуд ба таҳсил ва иҷтимоишавӣ ба миёни гузошта шудааст. Низом ва роҳу равиши пешниҳодшуда имкон медиҳад, ки таҳаввул ва рушди таҳсилоти фарогир дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба марҳилаи нави омӯзиш, таҳлил ва такмил қарор дода шавад.

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот. Асоснокӣ ва эътимоднокии натиҷаи таҳқиқотро асосҳои бунёдӣ ва методологии проблемаи мазкур тавассути омӯзиш ва таҳлили адабиёти илмӣ ва сарчашмаҳои муътамад, аз ҷумла, педагогӣ, равоншиносӣ, тиббӣ, истифодаи роҳу усулҳои пажӯҳиш, асоснок кардани нуктаҳое, ки дар фарзияи таҳқиқоти диссертатсионӣ пешниҳод карда шудаанд, муқоисаи натиҷаҳои бадастомада ҳангоми корҳои санҷишӣ-озмоишӣ, таҷрибаи шахсии муаллиф ба сифати омӯзгор ва ҳайати дастанадаркорон ва мутахассисони дар корҳои таҷрибавӣ иштирокдошта таъмин кардаанд.

Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ

Мазмун ва муҳтавои рисолаи илмӣ бо шиносномаи ихтисоси 5.3.9. Назария ва методикаи ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (педагогикаи иҷтимоӣ), аз ҷумла: банди 1 - «Методологияи таҳқиқи фаъолияти иҷтимоӣ-педагогӣ, моҳият, сохтор, вазифа, принсипҳои онҳо; моделсозии равандҳои иҷтимоӣ-педагогӣ дар муассисаҳои таълимӣ»; банди 4 - «Сифати ташкили ҷорабиниҳои иҷтимоӣ-педагогӣ» (технология ва усули баҳодиҳии сифати фаъолияти иҷтимоию педагогӣ; меъёрҳо, нишондиҳандаҳои баҳодиҳии сифати фаъолияти иҷтимоию педагогӣ) мутобиқ мебошад.

Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот

Саҳми шахсии довталаб дар омӯзиш ва таҳлилу барасии ҳамаҷонибаи масъалаҳои марбути пажӯҳиш, хоса, ҳини коркарди самтҳои бунёдӣ ва амалӣ, гирдоварӣ ва таҳлили мавод; дар истифодаи силсилаи роҳу равиш ва методҳо вобаста ба мавзуъ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот; дар заминаи кори таҷрибавӣ ва тасдиқи амалии муқаррароти кори илмӣ дар давоми озмоиш, таҳлили натиҷаҳои коркарди маводи таҷрибавӣ, таҳия ва нашри мақолаҳои илмӣ, иштирок дар чорабиниҳои илмӣ, конференсияҳо, ҳамоишҳои илмию амалӣ (сатҳи ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ), интишори мақолаву дастури таълимӣ, ҷаъбасти натиҷаҳои бадастомада ва таҳияи диссертатсия инъикос меёбад.

Тасвиб ва татбиқи амалии натиҷаҳои таҳқиқот

Муаллиф оид ба мазмун ва муҳтавои рисола дар семинарҳои илмӣ-методӣ, ҷаласаҳои кафедраи педагогика ва психологияи Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар шаҳри Панҷакент, конференсияҳои илмӣ-амалии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи А.Ҷомӣ (солҳои 2019-2026) иштирок ва баромад намудааст.

Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар дастури таълимии “Дурнамо ва масъалаҳои рушди таҳсилоти фарогир дар муассисаҳои таҳсилоти миёна”, дар матбуоти даврии тавсиякардан КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла, Паёми ПРМ ба номи А.Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон (3 мақола), Паёми

Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ (1 мақола), маводи конфронсҳо (4 мақола) нашр шуда (дар мавҷмуъ – 1 монография ва 9 мақола), аз санҷиши зарурӣ гузаштаанд.

Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия. Диссертатсия аз муқаддима, 3 боб, 9 фасл, хулосаи умумӣ, феҳристи адабиёт, дар мавҷмӯъ аз 220 саҳифаи чопи компютерӣ иборат аст.

МУҲТАВОИ АСОСИИ ДИССЕРТАТСИЯ

Дар **муқаддима** мубрамии мавзуи таҳқиқот, дараҷаи омӯзиш ва коркарди илмии мавзуъ асоснок гардида, мақсад, вазифаҳо, фарзияи таҳқиқот, навгонии илмӣ, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳамияти назаривию амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ, эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот, саҳми шахсии муаллиф ва амсоли он муайян карда шудаанд.

Дар боби аввали диссертатсия - «**Асосҳои назариявӣ ва методологии рушди таҳсилоти фарогир дар таълим, тарбия ва рушди хонандагони дорои имкониятҳои маҳдуд» -** пояҳои бунёдии ташкили таҳсилоти фарогир ҳамчун падидаи нави фазои таълиму тарбия бо дарназардошти ҳуқуқи баробар доштан ба таҳсил, иҷтимоишавии кӯдакон ва бачагони носолим, афроди имконияташон маҳдуд ва ноқис, ашхоси дорои талаботи махсуси таҳсилдошта бо сабабҳои маъюбӣ, камақлӣ, ношунавоӣ, нобиноӣ, мушкилоти гап задан ҳамчун гузориши масъалаи ҳаётан зарур мавриди баррасӣ ва таҳқиқи доманадор қарор гирифтааст.

Дар боби мазкур ақидаҳои маъмули муҳаққиқон оид ба мафҳуми “таҳсилоти фарогир” моҳиятан ва мантиқан ҳамчун рукни ҷудонашавандаи ба таълиму тарбия фарогирии бачагони мактабхон сарфи назар аз талаботхо, ниёзҳо, ноқисиҳо, иллатҳои гуногуни ақлӣ, ҷисмонӣ, рӯҳӣ ва амсоли он пазируфта шуда, муаммоҳои мавҷуда ва мушкилоти мутобиқшавии кӯдакону бачагони дорои имкониятҳои маҳдуд ба муҳити мактабу ҷомеа, ба марому низоми таълиму тарбия аз назари андешаҳои амиқ ва пешниҳодоти ҷолиб ҳалу фасл шудааст.

Таҷрибаи нахуст дар самти рушди таҳсилоти фарогир дар ҷумҳурӣ ба хотири ҷалби ашхоси дорои талаботи махсус дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ фароҳам овардани шароити мусоиди кор ва таълимро масъалаи аввалиндараҷа меҳисобад. Аз ҷумла, фаъол намудани марказҳои ёрирасон дар самти кӯмак расонидан ба муассисаҳои таҳсилот, ки бо таълими инклюзивӣ машғул мебошанд.

Дар фасли якуми рисола – “Таҳсилоти фарогир – падидаи нави низоми сиёсати давлатӣ дар соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон” зикр мегардад, ки таҳсилоти фарогир таҳти чунин чунин шиор амал мекунад: **“Таҳсил барои ҳама!”.** Яъне таҳсил ба ҳама сарфи назар аз имкониятҳо, мушкилотҳо, маҳдудиятҳо ва ноиктифоии дарку доираи дониш, ҷаҳонбинӣ, зеҳн, ақл, ҷисму ҳаракат ва амсоли он бояд дастраси толибони таълиму омӯзиш бошад. Ин нуктаи муҳим барои таъмини имкону ҳуқуқи баробар доштан ба таҳсил ва иҷтимоишавии кӯдакон ва бачагони носолим, қудраташон маҳдуду ноқис ва дорои талаботи махсус роҳи васеъ мекушояд.

Дар рисола зикр мегардад, ки бо ташаббуси Академияи таҳсилоти Тоҷикистон Консепсияи миллии таҳсилоти фарогир барои бачагони талаботи махсус (БМТ) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2015 ба тасвиб расида буд [8]. Дар он самтҳои асосии таҳсилоти фарогир ҳамчун низоми ҷадиди фаъолияти педагогӣ бо бачагони талаботи махсусдошта муқаррар ва муайян гардида, дар роҳи эътибор ва эътирофи арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ қадами нек ва хайрандеш гузошт.

Дар ин бора муҳаққиқи ватанӣ, шодравон Азимҷон Байзоев барҳақ гуфтааст: «Қабули ин консепсия саривақтӣ буда, татбиқи он барои бачагони талаботи махсусдошта имкон медиҳад, ки бо таълиму тарбияи босифат фаро гирифта шаванд, худро узви баробарҳуқуқи ҷомеа эҳсос кунанд. Татбиқи консепсия натанҳо аз падару модарон, балки аз роҳбарони муассисаҳои таълимӣ, омӯзгорон, тамоми ҷомеа ва давлат низ масъулияти зиёд ва таваҷҷуҳи махсусро тақозо мекунад. Бо вуҷуди он ки тамоми ҳадафҳои консепсия ба даст наомадаанд, он дар рушди таҳсилоти фарогир ҳамчун қадами аввалин нақши муҳим бозид” (3; с.102-103).

Ба андешаи академик И.Х.Каримова, “дар роҳи татбиқи ин иқдомот ва ташаббуси фарох зарурати созмон додани муассисаҳои махсуси таҳсилу таълим ба миён меояд, то кӯдакони норасоиҳои гуногуни ақлӣ, ҷисмонӣ ва шунавоию биноидошта ба таҳсил фаро гирифта шаванд. Ғояи умумии таҳсилоти фарогирро таҳаммулпазирӣ, ҳисси шафқат ва эҳтиром ба ҳама гуна ашхоси норасоҳои гуногундошта ташкил медиҳад” [6, с. 4].

Чунин гузориши масъала ва ғояи пешниҳодшуда аз он дарак медиҳад, ки ҳамаи кӯдакон ва бачагон, аз синну соли барвақт то хатми мактаб ҳуқуқи озоди гирифтани таҳсили босифатро доранд. Махсусан онҳое, ки узви ҳассосу нозуки ҷомеа буда, ба дастгирии давлату мамлакат, мактабу хонавода ниёз ва эҳтиёҷи воқеӣ доранд.

Дар робита ба мазмун ва моҳияти таҳсилоти фарогир дар фасли якуми боби аввал моҳияти мафҳуми “инклюзия” мушаххас карда шудааст. Бино бар шарҳу эзоҳи конвенсияҳои байналмилалӣ истилоҳи мазкурро асосан бо таҳсили бачагони маъюб алоқаманд медонистанд. Чуноне ки муҳаққиқ А.Байзоев изҳор медорад, “инклюзия ба маънои васеъ на танҳо ба бачагони дорои маъюбият, балки ба ҳамаи бачагоне, ки дар фарогирии таҳсил ба муносибати махсус эҳтиёҷманд ҳастанд, тааллуқ дорад” (3; с. 103).

Муҳаққиқон бобати ба таҳсил фаро гирифта шудани бачагони дорои имкониятҳои маҳдуд андешаҳои худро саҳеҳ ва равшан баён кардаанд. Аз ҷумла, Абдурашитов Н.Ф. чунин ибрози ақида мекунад: “Ғояи фарогирӣ (инклюзия) дар раванди тағйирёбии фаҳмиши ҳуқуқҳои инсон, шаъну шараф ва эҳтироми шахсияти он, инчунин равандҳои иҷтимоию фарҳангие, ки мақоми инсонро муайян намуда, ба таъмин ва ҳифзи ҳуқуқҳои он таъсир мерасонанд, тавлид ёфтааст. Яке аз тағйироте, ки дар фаҳмиши ҳуқуқҳои инсон рӯй доданд, тағйир ёфтани муносибати одамон нисбат ба шахсони дорои маъюбият мебошад. Тасодуфӣ нест, ки Эъломияи Саламан ва чаҳорчӯбаи амалиёт оид ба таҳсили шахсони дорои талаботи махсус (с. 1994) ва Эъломияи Умумии ЮНЕСКО дар бораи гуногунфарҳангӣ (с. 2001) аз лиҳози санаи қабулшавӣ ба якдигар наздиканд: ҳар ду ҳуҷҷат на фақат

гуногунии ҷомеа ва фарҳанги онро, балки дигар шудани муносибати аҳли ҷомеаро нисбати ин гуногунии фарҳанг ва эҳтиёҷон – дарки арзишҳои он, дарки арзишҳои фарқияти байни одамонро эътироф менамояд” [1, с.17].

Дар робита ба мавҷудияти мушкилоти воқеӣ дар роҳи ташкили бонизом ва мураттаби таҳсилоти фарогир ҳали якчанд масъалаҳои муҳим зарур шуморида мешавад. Аз ҷумла, яке аз вазифаҳои асосӣ – ташкили инфрасохтори моддӣ-техникӣ мебошад, ки барои омӯзиши кудакони маъюб ҳамчун заминаи ёрирасон, лавозимоти зарури таълимӣ ва воситаи таъмини раванди таҳсилоти фарогир хидмат мекунад.

Мақоми пуразриш ва аҳаммияти хосро мавҷудияти воситаҳои техникӣ, аз қабили брайл-саҳифаҳо (барои хондан ва навиштани кудакони нобино), асбобҳои шунавоӣ (аудио) ва намоишӣ (видео) мебозанд, ки дар даврони муосир ба кудакону бачагони дорои имкониятҳои маҳдуд шароити мувофиқи таълим ва омӯзишро бо ёрии омӯзгор - мутахассиси соҳаи таҳсилоти фарогир ки дар зинахои таҳсилоти олии касбӣ ба камол расидааст, фароҳам меоранд.

Ташаббус ва ибтикороти дигаре, ки низоми таҳсилоти фарогирро дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мураттаб месозад, мавҷудияти китобҳои дарсии махсуси ба талаботи кудакони имкониятҳои маҳдуддошта ҷавобгӯ мебошад. Мутаассифона, воқеият чунин аст, ки на ҳар кас қудрати омода кардани китобҳои дарсии мувофиқро барои кудакони дар муҳити инкюзия дошта метавонад.

Таҳлили масъала ва мушоҳидаҳо дар рафти таҳқиқот нишон дод, ки яке аз проблемаи ҳаётан муҳим – сатҳу дараҷаи иҷтимоишавии кудакони дорои нуқсонҳои гуногуни ҷисмонӣ, зеҳнӣ ва руҳӣ мебошад. Онҳо ба муҳити танҳоӣ одат карда, аз машғул шудан, омӯхтан, пурсидан ва амал кардан дурӣ меҷӯянд. Шомил шудани онҳо ба ҷомеаи умумии таҳсилот, ки аз имкониятҳои зеҳнӣ, ақлӣ, ҷисмонӣ бартар мебошад, барояшон қобили қабул ва ризоӣ нест. Онҳо дар ҷомеаи мактаб ва ҳамарӯза ба таҳсил фаро гирифта шудан худро кӯчак ва қафомонда эҳсос мекунанд. Боиси тааҷҷуб ва нигаронӣ аст, ки аксари волидон чунин мешуморанд, ки бачаҳои солиму тавоно намехоҳанд бо ҳамсолони маъюб ва ноқисиҳои гуногундошта дар як синф таҳсил карда бошанд.

Ба андешаи мо, принсипҳои умдаи таҳсилоти фарогир дар Тоҷикистон бояд чунин қисматҳоро дарбар гирифта бошад:

1. Ҳуқуқи баробарӣ доштан ба таҳсил ва парвариш (тарбия) сарфи назар аз вазъи солимӣ ва мамониатҳои ҷисмонӣ, зеҳнӣ, шунавоӣ, биноӣ ва амсоли он.

2. Таълим дар муҳити таҳсилоти миёнаи умумӣ, иштирок дар чорабиниҳои гуногуни мактабӣ ҳамроҳ бо ҳамсолони худ.

3. Муносибатти инфиродӣ ба кудакони имкониятҳои маҳдуддошта. Аз лиҳоз барои онҳо омода кардани барномаҳои мутобиқшудаи таълимӣ, дастгирии руҳӣ (психологӣ ва педагогӣ) аз вазифаҳои аввалиндараҷа аст.

4. Ба вуҷуд овардани муҳити бемонеа. Муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ барои кудакони нуқсондор ҳама гуна имкониятҳои маиширо бо дарназардошти ҳучраҳои гигиенӣ, ҷойи қазои ҳоҷат, асбобу ашғоли заруру лозим ва амсоли он муҳайё бояд карда бошанд.

5. Кӯмак ва дастгирии омӯзгорон. Ба ин мақсад ҳайати педагогҳои мактаб бо тайёрӣ ва омодагии махсус мунтазам дар курсҳои такмили ихтисос сабақгардонӣ карда, барои ҳуқуқи кор кардан дар муҳити инклюзияро ба даст оранд.

Дар фасли дуюми боби аввали диссертатсия – **“Тавзеҳ ва шарҳу тафсири вожаҳо, истилоҳот ва мафҳумоти марбут ба таҳсилоти фарогир дар адабиёти илмии педагогӣ ва психологӣ”** тафсиру ташреҳи мафҳумҳои марбут ба таҳсилоти фарогир оварда шудааст ва оид ба зумраи кӯдакони нуқсонҳои гуногуни ҷисмонӣ, зеҳнӣ ва руҳӣ дар робита ба хусусиятҳои хоси норасоӣ, иллат ва камбудии узвҳо аз нигоҳи илми тиб ва сифатҳои иҷтимоӣ сухан меравад. Аз ҷумла, модели тиббии арзёбии нуқсонҳо ва иллатҳо аз он шаҳодат медиҳад, ки инсон қудрат ва қобилияти кору ҳаракат, ичрои ҷисмонии ин ё он амалро ба пуррагӣ надорад ва ба вай парастору мададгоре лозим аст.

Чунончи, истилоҳи маъмули илми тиб – “маъюб” (“инвалид”) шарҳу эзоҳи хоси худро дорад. Муҳаққиқи ватанӣ А.Байзоев ба ҷойи ибораи *“бачагони маъюб”* ифодаи “*бачагони дорои маъюбият*”-ро пешниҳод карда, изҳор медорад, ки он нисбати ашхосе тааллуқ дорад, ки бо сабабҳои гуногун фаъолияти қисме аз узви худро муваққатан ва ё ба пуррагӣ аз даст додаанд. Таҷриба собит месозад, ки истеъмоли ибораи “*бачагони маъюб”* ҳарчанд маъмул аст, аммо барои ашхоси гирифтори ин иллат малоли хотир ва номақбул мебошад.

Дар Фарҳанги забони тоҷикӣ вожаи “маъюб”чунин тафсир ёфтааст: *“айбнок, маиб, касе, ки ягон нуқсони узвӣ дорад”* [15, с. 667]. Аҳмади Дониш дар асарҳояш вожаи “маъюбӣ”-ро кор фармудааст ва онро чунин шарҳ медиҳад: *маъюб (маиб) будан, айбнок будан*: “Ва онҳо касоне бошанд, ки қодир бар иктисоби қути явмия нестанд, ба воситаи ачз ва пирӣ ва маъюбӣ бар ҷо мондаанд” [15, саҳ. 667].

Дар дастури таълимии “Таҳсилоти фарогир (инклюзивӣ)”, ки бо қарори Шурои олимони Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмон Ҷомӣ рӯйи чоп омадааст [14], хушбахтона, як силсила масъалаҳо, аз ҷумла, шарҳи муҳимтарин мафҳумҳо, мушахассоти умумии таҳсилоти фарогир, роҳу усулҳои имконпазири татбиқи таҳсилоти фарогир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва амсоли он мавриди баррасӣ ва ҳалу фасл қарор гирифтааст, ки қадами назаррас ҷониби муҳиммияти масъала дар самти таҳсилоти фарогир арзёбӣ мегардад.

Истилоҳ ва мафҳуми «бачагони талаботи махсусдошта» (БТМ) бори нахуст тавассути “Конференсияи Саламан” (соли 1994) ва матни “Чаҳорчӯбаи амалҳо оид ба принсипҳо, сиёсат ва фаъолияти амалӣ дар самти таҳсилоти бачагони талаботи махсусдошта” мӯҷиби истифодаи васеъ қарор гирифт. Донишмандон ва иштирокчиёни конференсия ба чунин хулоса омаданд, ки ба бачагону наврасони дорои талаботҳои махсус чораю тадбирҳои зарур оид ба таҳсилу рушди онҳо муҳайё карда шавад. Ҳамин таъкид ва ормон боис гардид, ки консепсияи ҷадиди мактаби инклюзивӣ (фарогир) тавлид ёбад.

Муқоисаи истилоҳоти адабиёти илмии ҷаҳонӣ оид ба таҳсилоти фарогир собит месозад, ки муаллифон бештар мафҳуми “ашхоси дорои талаботҳои махсус ба таҳсил доштаро” истифода мебаранд. Ба андешаи мо чунин иқдом дар он аст, ки дар истилоҳи пешниҳодшуда дарк ва эҳсоси иҷтимоии

маъюбият ба назар мерасад ва он пеши роҳи поймолгардии ҳуқуқи чунин ашхосро гирифта, ҳамраъйии ҷомеаро ҷониби онҳо равшан месозад.

Дар фасли сеюми боби аввал – **“Вазъи кунунии рушди низоми таҳсилоти фарогир ва роҳҳои бартараф кардани мушкилот ва муаммоҳои иҷтимоишавии бачагони дорои имкониятҳои маҳдуд**” мавриди муҳокима ва таҳлилу пажуҳиш қарор гирифтааст. Зикр мегардад, ки дар ин росто ҳам пешравӣ ва ҳам душвориҳо мавҷуданд, ки ҳалли онҳо ногузир буда, ба татбиқи Консепсияи таҳсилоти фарогир дар Тоҷикистон мусоидат хоҳад кард.

“Дар шароити муосир татбиқи амалии таҳсилоти фарогир дар ҶТ ба зинаи фаъоли худ ворид шудааст. Он таҳсили якҷояии БТМ (бачагони талаботи махсус) ва дигар бачагонро дар шароити мактабҳои таҳсилоти умумӣ дар назар дорад. Вале, тавре ки мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, дар ҷараёни татбиқи он ҳам барои падару модарон, ҳам барои омӯзгорон ва роҳбарони муассисаҳои таълимӣ мушкилоти зиёде ба миён меоянд” [14,с. 7].

“Таҳлили вазъи мактабҳои инклюзивӣ, ки дар доираи татбиқи лоиҳаи”Таҳлили вазъи маблағгузории сарикасӣ аз дидгоҳи таҳсилоти фарогир дар ҶТ аз ҷониби мутахассисони Маркази дастгирии ислоҳоти маориф “Пулс” анҷом дода шуд, дурустии ин андешаро собит намуд. Мутаассифона, на ҳамаи омӯзгорон барои кор дар шароити нав омода ҳастанд” [14, с. 7-8].

Монеаи дигар муштарак набудани барномаҳои таълим ва бомуваффақият амалӣ гардидани он дар шароити кунунии ташаккул ва густариши таҳсилоти фарогир дар Точикистон мебошад. Ба ақидаи муҳаққиқ А.Байзоев, “синфҳо бо дарназардошти меъёри муқарраршуда (на камтар аз 25 нафар) ташкил мешаванд. Дар чунин шароит таъмини таваҷҷуҳи зарурӣ ба бачагони талаботи махсус (БТМ), ки ба он сахт эҳтиёҷ доранд, бе расондани осеб ба бачагони дигар, ки дар марҳилаҳои гуногуни азхудкунии маводи таълимӣ қарор доранд, мушкил аст [19, с. 8].

Таҳлили вазъи кунунии рушди низоми таҳсилоти фарогир дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ нишон медиҳад, ки яке аз масъалаҳои ҳалталаб ва воқеан ҳам муҳим ба таълиму омӯзиш дилбаста намудани кӯдакон ва бачагони дорои имкониятҳои маҳдуд мебошад. Дар сарчашмаҳои илмӣ тарзу намуди гуногуни мутобиқатсозии бачагони талаботи махсусдоштаро манзури муҳокима ва татбиқи амал пешниҳод кардаанд. Аз ҷумла, мутобиқати рафтор, мутобиқати малакаҳои ташкилӣ, мутобиқати талаботи ҳиссӣ ва амсоли он.

Мушкилоти дигар такмили роҳу равиши идоракунии мактаб ва тайёр кардани он ба раванди таҳсилоти фарогир маҳсуб меёбад. Аз ҷумла, таъмини сифати таълим, ҳамкорӣ бо волидон, ҷомеа, назорати фаъолияти омӯзгор дар самти таъмини ҳамкории педагогии омӯзгор ва толибилм (хонанда), муҳити солими таълим ва ҳоказо. Аз мушоҳидаҳо яқин гардид,

ки мушкилоти назаррас мавҷуд набудани омодагии комил ва касбии омӯзгорон дар самти таҳсилоти фарогир мебошад.

Проблемаи дигар дараҷаи пасти фаъолмандии бачагони дорои имкониятҳои маҳдуд ба дарсҳо, душвориҳои дарку фаҳмиш, баёни матлаб ва муошарати озод мебошад. Аз меъёр зиёд будани миқдори умумии хонандагони синфҳо низ барои ба таҳсил бемалол фаро гирифта шудани кӯдакону бачагони дорои имкониятҳои маҳдуди ҷисмонӣ, зеҳнӣ ва солимӣ садди роҳ мегардад. Омӯзгор наметавонад танҳо бо тоифаи хонандагони норасоидошта машғул гардад. Омили зикршуда зарурати дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ кушодани гуруҳҳои махсусро бо ҳадафҳои ташкили босамари таҳсилоти фарогир ба миён мегузорад.

Муаммои дигар, ки дар заминаи ҷалби бачагони дорои имкониятҳои маҳдуд ва талаботи махсусдошта дар раванди таҳсилоти фарогир ба амал меояд, ҷанбаи ҳуқуқии масъала аст. Ҳар як бача ҳуқуқи комили иҷтимоишавӣ ва рушдро дорад ва аз ин лиҳоз ӯ метавонад фаъолияти дарсхонӣ ва омӯзиширо бевосита дар иҳотаи ҳамсолони солими худ идома диҳад.

Вале муаммо дар он аст, ки барои бачагон ва кӯдакони дорои имкониятҳои маҳдуди солимӣ ва ҷисмонӣ ҳадафҳои рушд ва иҷтимоишавӣ дар замина ва муҳити таҳсилоти фарогир бештар муҳим мебошад. Дар навбати худ татбиқи иҷтимоишавӣ ва мутобиқшавии ашхоси ба таҳсил ниёздошта дар муҳити муштараки таҳсил мушкилоти худро низ дорад. Ба ҳам пайвастану дарки асолатҳои зикршуда мушкилоти зиёдеро барои бачагони дорои имкониятҳои маҳдуд ва солимӣ ба бор меорад, ки ҳали он аз вазифаҳои аввалиндараҷаи мактабу маориф ва волидону ҷомеа мебошад.

Дар боби дуюми рисола – “**Муҳити инклюзивӣ – шароити мутобиқи таъмин ва татбиқи таҳсилоти фарогир ва иҷтимоишавии бачагони дорои имкониятҳои маҳдуд дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ”** - сухан бобати фароҳам овардани муҳити таҳсилоти фарогир ҳамчун василаи иҷтимоишавии бачагони дорои имкониятҳои маҳдуд меравад ва он аз масъалаҳои асосӣ ва калидӣ дар самти таҳияи низоми мураттаб ва муназзами раванди ин иқдом ва ташаббуси хайрандеш аст.

Дар фасли нахусти боби зерин – **“Таҳсилоти фарогир масъалаи педагогӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва ҳуқуқӣ”** – консепсияе пешниҳод шудааст, ки бино бар моҳияти аслии он таҳсилоти фарогир на танҳо масъалаи педагогӣ, балки иҷтимоӣ, фарҳангӣ, ҳуқуқӣ ва ҳатто рукни таркибӣ ва ҷудонашавандаи дидгоҳ ва нигоҳи ҷомеа мебошад. Аз ин лиҳоз, чунин мешуморем, ки дар таҳияи низоми мураттаб ва мақсадноки таҳсилоти фарогир баррасии масъалаҳои марбут ба ташкили муҳити таҳсилоти фарогир, ҳалли масъалаҳо дар робита ба имкониятҳои фаровони мавҷуда матраҳ ва таҳқиқу баррасӣ гардад.

Қаблан ба моҳияти таҳсилоти фарогир ва ташкили муҳити созгори таълиму омӯзиш дар татбиқи амалии ин падидаи тоза назар меандозем. Дар замони муосир дар назди муассисаҳои тахсилот вазифаҳои мазмунан ва миқёсан амиқу фарох меистад. Сухан аз боби таъмини сатҳи баланди таҳсилоти босифат, муносибати босалоҳият ба таълим, дарки бошууронаи фанҳои омӯзишӣ дар муҳити мактаб меравад.

Агар пайваставшавии бачагони дорои имкониятҳои маҳдудро ба синфхонаҳои умумӣ қадами аввал шуморем, дар дурнамои наздик таъсиси *синфхонаҳои махсуси инклюзивӣ* аз вазифаҳои ногузири мактабу маориф маҳсуб меёбад. Дар ин гуна синфхонаҳои махсус гуруҳи бачагони талаботи махсус ба таҳсилдоштаро ҷамъ карда, ба онҳо имкони таълим гирифтан, парвариш ёфтан ва омӯхтани фанҳои мактабиро фароҳам овардан аз вазифаҳои асосӣ ва мақсадноки таҳсилоти фарогир мебошад.

Мафҳуми “инклюзия” ва “таҳсилоти инклюзивӣ” ба вуҷуд омадани таҳаввулро дар шуури ҷомеа падидор мегардонад. Дар ин росто лозим медонем, ки моҳияти низоми таҳсилоти фарогир ва таҳсилоти муқаррарӣ-анъанавӣ дар заминаи муқоиса, бартарият ва мушкилоту муаммоҳои мавҷуда мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор гирад.

Дар муқоиса бо шакли анъанавӣ таҳсилоти фарогир моҳиятан ҷиҳатҳои фарқкунанда дошта, дар муҳити синфхонаҳои мактабӣ бо бачагони дорои имкониятҳои маҳдуд ва талаботи махсусдошта мегузарад. Дар чунин ҳолат муҳити мактаб ва синфхона ба ниёзҳо ва талаботҳои хонандагони нуқсонҳои гуногундошта ба хотири дастгирӣ ва дастрасии таҳсил мутобиқ гардонда мешавад.

Агар дар низоми таҳсилоти анъанавӣ омӯзгор интиқолдиҳандаи дониш бошад, дар муҳити таҳсилоти фарогир ӯ фасилитатор, яъне ашхоси ёрирасон ва мутахассис - идоракунандаи раванди таълиму тарбия маҳсуб меёбад. Зимнан таҳсилоти фарогир ба иҷтомоишавӣ, рушди мустақили фаъолмандӣ ва пешравии бачагони дорои имкониятҳои маҳдуд роҳ мекушояд ва мусоидат мекунад.

Муҳаққиқи ватанӣ Азимҷон Байзоев иброз медорад: “Дар айни замон инклюзия ба маънои васеъ на танҳо ба бачагони дорои маъюбият, балки ба ҳамаи бачагоне, ки дар фарогирии таҳсил ба муносибати махсус эҳтиёҷманд ҳастанд, тааллуқ дорад. Ҳамчунин гоҳо истилоҳоти “бачагони рушдашон халалдоршуда” (дети с нарушениями в развитии), “бачагони қафомонда”, “бачагони мушкилтарбия” ва ғайра низ истифода мешавад. Вақтҳои охир истилоҳи “бачагони дорои талаботи махсуси таҳсилотӣ” низ маъмул гардидааст” [3, с. 133].

Воқеан, қабули Консепсияи миллии таҳсилоти фарогир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳким ва рушди арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ дар заминаи иҷтимоишавӣ ва ҳуқуқи бачагони дорои имкониятҳои маҳдуд ба таҳсил нақши бориз дорад. Татбиқи амалии Консепсия имкон медиҳад, ки бачагони ниёз ва талаботи махсус ба

таҳсилдошта бо таълиму тарбияи босифат фаро гирифта шаванд, худро узви баробарҳуқуқи ҷомеа эҳсос кунанд. Татбиқи ин иқдоми наҷиб ва хайрандеш натанҳо аз падару модарон, балки аз роҳбарони муассисаҳои таълимӣ, омӯзгорон, тамоми ҷомеа ва давлат масъулияти зиёд ва таваҷҷуҳи махсусро тақозо мекунад.

Аз гуфтаҳои боло бармеояд, ки муҳимтарин вазифаи мактаб, волидон ва ҷомеа - ворид шудани бачагони дорои имкониятҳои маҳдуд ба фазои умумии таҳсилот ва таълиму парвариш дар қатори ҳамсолону ҳамсабақон мебошад. Яъне, муҳити таҳсилоти фарогир фароҳам овардани чунин фазоест, ки ҳар нафаре аз онҳо худро на ашхоси ғайридилхоҳ, балки шоистаю муносиб ҳис кунад.

Дар фасли дуюми боби мазкур – **“Таҳаввул дар фаъолияти мактаби даврони муосир, шуури волидон ва ҷомеа дар таҳкими пояҳои устувори таҳсилоти фарогир”** - сухан бобати фаъолият ва таваҷҷуҳи мактаби муосир нисбат ба ташкили раванди таълиму парвариши бачагони дорои имкониятҳои маҳдуд (ҷисмонӣ, ақлӣ, зеҳнӣ, солимӣ), муносибати волидон ва ҷомеа ба умқу моҳияти масъала меравад.

Мусаллам аст, ки мактаби муосир дар самти инклюзия фаъолияти амалии хешро барои ба таҳсил фаро гирифтани бачагони дорои имкониятҳои маҳдуд бо дарназардошти таъмини босифати таълиму тарбия равона мекунад. Дар ин самти гуманистии раванди таълим муҳимтарин вазифа аз байн бардоштани унсурҳои халалрасон ва ташкили фазои бемайлони омӯзишу парвариш маҳсуб меёбад.

Ба андешаи мо фаъолият дар ин ҷода чунин самтҳоро бояд дарбар гирифта бошад:

1. Таъсис ва ташкили инфрасохтори таҳсилоти фарогир, ки даставвал мавҷудияти синфхонаҳои махсуси дорои таҷҳизот ва маводди зарурии таълимӣ, муҳити созгорро дар таълим ва парвариши бачагони имконияташон маҳдуд ба миён мегузорад.

2. Мутобиқ гардондани раванди таҳсилот бо дарназардошти хусусиятҳои инфиродии ҳар як бачаи дорои имконияти маҳдуд, интихоби роҳу усулҳои пешқадами таълим дар асоси барномаи махсуси таҳсилоти фарогир.

3. Дастгирии педагогӣ ва психологии раванди таҳсилоти фарогир. Аз ҷумла, фаъолияти босамари омӯзгор, мураббӣ, равоншинос, логопед, дефектолог дар ҳамкорӣ бо бачагони ба таҳсилоти махсус ниёздошта.

4. Баланд бардоштани дараҷаи касбияти мутахассиси соҳаи таҳсилоти фарогир. Барои ин омӯзгоронро дар самти шиносоӣ бо роҳу усули таълими бачагони дорои имконияташон маҳдуд тайёр карда, ба ташаккули фарҳанги муошират ва ҳамкорӣ бо ин қабил хонандагони ҳассос ва зудранҷ муваффақ бояд шуд.

5. Иҷтимоишавӣ ва ташаккули фарҳанги инклюзивӣ. Масъалаи мазкур низ аз проблемаҳои асосии раванди таҳсилоти фарогир маҳсуб

ёфта, муносибати кулли иштирокчиёни раванди таълиму тарбияро дар раванди босифати таҳсилоти фарогир, пешгирӣ ва бартараф сохтани мушкилот ва муаммоҳои мавҷуда, аз байн бурдани муҳити ғайриқобил тақозо мекунад.

6. Ташкили мониторинги рушди бачагони дорои имконияташон маҳдуд дар раванди таҳсилоти фарогир. Дар ин қисмати кору фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ногузирии ташкили мунтазами ташхис ва рушди инфиродии бачагони дорои имконияташон маҳдуд роҳандозӣ гардида, барои ислоҳи норасоиҳои раванди таълиму тадрис чораҳо андешида мешавад.

Яъне дар раванди таҳсилоти фарогир татбиқи амалии ғояи аз амсилаи "тафриқа" ба модели "фарогирӣ" ҳамчун масъалаи асосӣ ба амал меояд. Ин амсила дар таҷрибаи пешқадами аксар мамлакатҳои ҷаҳон дар тавассути модели сегрегативӣ, ки моҳиятан таъсиси мактабҳои махсуси фарогирро дар назар дорад, амалӣ мегардад. Тамоюли ба таҳсилоти фарогир рӯ овардани мактаб ва ҷомеа хусусияти бузурги гуманистӣ-башардӯстӣ дорад, зеро ҳар як кӯдак, сарфи назар аз вазъи саломатӣ, равонӣ, ҷисмонӣ ва амсоли он ҳуқуқи комили таҳсилро дар муассисаҳои таълимӣ дорад.

Муҳаққиқон М.Аюбова ва А.Байзоев дар робита ба ин масъала чунин мешуморанд: "...ҳамгироӣ – ин амалӣ сохтани орзуии доимии инсоният оид ба ҷаҳони боадолат аст, ки дар он ҳеҷ як гуруҳи одамон аз гуруҳи дигар ҷудо нест ва манфиату талаботи ҳеҷ як гуруҳ аз ҷониби манфиату талаботи намояндагони дигар поймол намешавад. Тасаввур кардан мумкин аст, ки замоне чунин будааст ва метавон орзу кард, ки кӯшишу фаъолиятҳои аҳли ҷомеа моро боз ба он наздиктар месозад" [14, с. 29].

Ҷанбаи иҷтимоии таҳсилоти фарогир имрӯзҳо мӯҷиби таҳаввулоти муносибатҳои ҷамъиятӣ мегардад, ки дар он мактаб ҳамчун манбаи муттаҳидкунанда рӯйнамо мегардад ва дар таъмини баробарҳуқуқии ҳар як узви ҷамъият, дастгирӣ ва кӯмак саҳми арзанда мегузорад.

Коршиносон ва муҳаққиқон дар чунин ақидаанд, ки "...масъалаи иҷтимоишавии бачагони аз лиҳози саломатӣ имкониятҳои маҳдуддошта, ҳамчунин масъалаҳои тайёрии касбӣ-педагогии омӯзгорони оянда, ки бо бачагони гуногун кор карданашон лозим меояд, хеле муҳим ва саривақтӣ ба ҳисоб меравад" [14, с.80-81]. Афзудан мехоҳем, ки салоҳияти касбии омӯзгори риштаи таҳсилоти фарогир аз нишондиҳадаҳои басо муҳимми раванди таълиму тарбияи босифати бачагони дорои нуқсону норасоиҳои гуногун мебошад. Воқеан, омӯзгори босалоҳият ба моҳияти масъала хуб сарфаҳм меравад, имкони ҳалли амалии таълим ва омӯзиши бачагони ба таҳсилоти махсус ниёздоштаро таъмин мегардонад.

Дар фасли сеюми боби мазкур – **"Вижагиҳои муносибат бо афроди дорои имкониятҳои маҳдуд ва ҳадафҳои иҷтимоишавии онҳо дар муҳити**

таҳсилоти фарогир” сухан оид ба асолати ғояи инклюзия рафта, ҳама гуна маҳдудияти таълим, омӯзиш ва рушди кулли қишрҳои ҷомеаро сарфи назар дониста мешавад ва татбиқи амалии таҳсилотро дар доираи меъёрҳои баробарҳуқуқӣ ва арзишҳои умумибашарӣ тарғиб ва ташвиқ мекунад.

Воқеан, таҳсилоти фарогир ҳадафҳои ниҳоии худро дорад, ки он ҳамбастагӣ ва пайвастагии қавиро бобати бунёди ҷомеаи фарогир ба назари эътибор мегирад. Чунин ҷомеа ба хотири расидан ба рисолатҳои воло ва арзишҳои умумибашарӣ имкон медиҳад, ки “кулли бачагон ва дар маҷмӯъ қишри гуногуни узви ҷомеа (ҳатто калонсолон низ) сарфи назар аз ҷинсият, мансубияти миллӣ, нажодӣ, динӣ, эътиқоду эътимод, қобилият, саломатӣ ба таҳсил фаро гирифтаю саҳми хешро ба рушду такомули ҷамъият равона карда бошанд. Бунёди чунин муҳиту ҷомеаи фарогир ба ташаккули хислатҳои беҳтарин инсонӣ, ахлоқу одоби ҳамида, муборизаи дастаҷамъона алайҳи паҳн шудани унсурҳои бегона роҳи васеъ мекушояд” [10, с.15].

Таҳсилоти фарогир дар назди низоми таълиму тарбия ва рушди бачагони дорои имкониятҳои маҳдуд ҳалли як силсила масъалаҳои душвор ва наву тозаро мегузорад. Чунончи, шакли анъанавии таҳсили бачагони дорои имкониятҳои маҳдуд дар муассисаҳои махсуси таълимӣ (коррексионӣ) роҳандозӣ мегардад. Моҳият ва асолати чунин муассисаҳои махсуси таълимӣ ислоҳ ва тасҳеҳи имкониятҳои бачагонест, ки дорои мушкилотҳои рушди ҷисмонӣ ва равонӣ (руҳӣ) бобати нутқи номукаммал, шунавоӣ, биноӣ, аутизм (нуқсонҳои мағзи сар), унсурҳои такягоҳӣ-ҳаракатнокӣ мебошанд.

Ислоҳу тасҳеҳи норасоиҳои ҷисмонӣ, зеҳнӣ, равонии бачагон хусусияти таълимӣ, тарбиявӣ, иҷтимоишавӣ ва рушду такомул дорад. Барои бартараф кардани нуқсонҳои мавҷуда барномаҳои махсуси мутобиқсозӣ, роҳу усули ислоҳу тасҳеҳот, машғулият бо дефектологҳо, логопедҳо ва психологҳо (равоншиносон) ба роҳ монда шудааст.

Як хусусияти барҷастаи чораҳои коррексионӣ аз он иборат аст, ки фаъолияти мураббӣ ва омӯзгор на танҳо барои ташаккули малакаҳои омӯзишӣ, балки ба ташаккули дарку ҳис, ирода, нутқ ва тафаккури бачагон равона мегардад ва ба онҳо барои мутобиқшавӣ ба талаботҳои мактаб ва ҷомеа кӯмак мерасонад.

Дар рафти таҳқиқот яқин гардид, ки роҳу усули амсилаҳои гуногун дар шароити таҳсилоти фарогир ҳангоми кор бо бачагони дорои имкониятҳои маҳдуд вуҷуд дорад:

1. Таълим дар шароити таҳсилоти миёнаи умумӣ дар доираи синфҳои муқаррарӣ-анъанавӣ.

2. Таълим дар шароити махсуси синфхона тавассути роҳандозии усули коррексионӣ-ислоҳпазирӣ дар низоми таҳсилоти миёнаи умумӣ

(таълим бо ҳадафи ислоҳ намудани мавқеъ ва ҷойи тасҳеҳу ислоҳи нуқсон).

3. Таълим аз рӯйи барномаҳои таълимии махсус дар доираи синфи муайян.

4. Таълим дар шароити мактабҳои махсус ва ё мактаб-интернатҳо, ки дорои синфҳо барои бачагони солим мебошанд.

Стандарти ҷадиди таҳсилоти миёнаи умумӣ, ки бо ташаббус ва ибтикороти Вазорати маориф ва илмӣ ҶТ аз ҷониби ҳайати бонуфузи мутахассисону кормандони Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, Пажуҳишгоҳи рушди маорифи ба номи Абдураҳмон Ҷомӣ таҳия гардид, бобати роҳандозии комил ва баланд бардоштани сатҳу сифати таҳсилоти фарогир корбаст ва таъмини якчанд масъалаҳои муҳимро ба маърази иҷро ва татбиқ гузошт, ки он мутобиқ ба Декларатсияи СММ оид ба ҳуқуқи кӯдак ва Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таҳсили миёнаи умумӣ фаро гирифта шудани кулли кӯдаконро кафолат медиҳад.

Дар боби сеюми диссертатсия – **“Дурнамо ва роҳу равиши рушди низоми таҳсилоти фарогир ҳамчун масъалаи педагогӣ ва иҷтимоӣ”** – оид ба ду модели ба ҳам тавъам, ҷуфт ва муносиби татбиқи таҳсилоти фарогир изҳори андеша шуда, мушкилоту дурнамои масъала бобати татбиқи ҳаматарафаи он мавриди таҳлил ва пешниҳод қарор ёфтааст.

Фасли нахусти боби зерин – **“Таҳсилоти фарогир ва мактаби фарогир – ду модели ба ҳам тавъам, ҷуфт ва муносиби татбиқи консепсияи фаро гирифтани бачагони дорои имкониятҳои маҳдуд ба таълим**” мебошад. Яқин гардид, ки “таҳсилоти фарогир, пеш аз ҳама, талошест барои ҳуқуқ ба зиндагии арзанда ва доштани ҳуқуқ ба арзишҳои ҷаҳони муосир. Ҳамаи ин ҳуқуқҳо бояд ба ҳама, новобаста аз рушди ҷисмонӣ ва равонӣ дода шавад, вале, тавре маълум аст, инсон мавҷудоти иҷтимоӣ аст. Бинобар ин ҳолати маънавии ҷомеа ва солимии он бевосита ба он вобаста аст, ки ҳар як узви ҷомеа то кадом андоза худро дар байни ҷамъият осудаю бароҳат эҳсос мекунад. Дар ин асос чунин хулоса баровардан мумкин аст, ки таҳсилоти фарогир танҳо дар он ҷамъияте муваффақона ҷорӣ карда мешавад, ки он аз нигоҳи маънавӣ солим бошад. Вале ба ҳар ҳол таълим ва ҷомеа бо ҳам алоқамандӣ доранд, чунки роҳандозии таҳсилоти фарогир солимии маънавии ҷомеаро беҳбудӣ мебахшад” [5, с. 15].

Дар баробари ғояи “таҳсилоти фарогир” мафҳуми ҷолиби “мактаби фарогир” ҳукми таваҷҷуҳ ва амал пайдо кард ва ҳама гуна муассисаҳои таҳсилотро дарбар мегирад (таҳсилоти умумӣ, миёнаи касбӣ, макотиби олӣ). Ба андешаи муҳаққиқон Маҷидова Б, Юнусова Н.М. ва Қурбонова Г.А., “мактаби фарогир, пеш аз ҳама, чунин мактаби демократист, ки эҳтироми одамон ва эҳтироми тарзи зиндагии онҳоро талқин менамояд. Дар чунин мактаб талабагон ва омӯзгорон ҷодкорона кор карда, проблемаҳои таҳсилотро якҷоя ҳал менамоянд [2, с. 16].

Муҳаққиқони номбурда ҳамзамон ду мафҳуми дигари ба ҳам тавъам – синфҳои инклюзивиро дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва гуруҳҳои инклюзивиро дар муассисаҳои томактабӣ шоистаи роҳандозӣ пешниҳод мекунанд. “Мактаби фарогир” моҳияти аслии худро дар робита ба гуногуншаклии фарҳангҳо, дастрасӣ ба дониш, малака, маҳорат, салоҳият ва иттилоот, фардикунонии ҷараёни таълим, ҳамкории мутахассисони соҳаҳои гуногун, робитаи мактаб, хонавода ва ҷомеа ва амсоли он намоён мекунад.

Дар муҳити мактаби фарогир “талабагон бояд таҳсил кунанд ва барномаи таҳсилоти умумиро азхуд намоянд, вале ҳар як талаба ба ин бо тарзу услуби инфиродии худ ва бо муваффақиятҳои ҳархела комёб мегардад” [2, с.17].

Хусусияти фарқкунандаи мактаби фарогир дар ташкили ҳамкории судманди мутахассисони соҳаҳои гуногун мебошад ва “ягон муаллим/мураббӣ дар сурати таълим додани миқдори зиёди кӯдакони гуногун муваффақият пайдо карда наметавонад: ба вай ёрии ҳамкорон зарур мешавад. Агар мутахассисони соҳаҳои гуногун якҷоя кор кунанд, ба онҳо ҳаматарфа инкишоф додани ҳар як кӯдак муяссар мегардад” [2, с.17].

Дар айни замон дар минтақаҳои гуногуни Тоҷикистон мактаб-интернатҳои типи махсус амал мекунанд, ки ба принсипҳои таъсис ва фаъолияти мактаби фарогир наздик ва монанд мебошанд. Аз ҷумла, таҷрибаи пешқадами мактаб-интернати ҷумҳуриявии кӯдакони шунавоияшон суст ва деркаршудаи ноҳияи Рӯдакӣ қобили тавсиф ва эътирофу омӯзиш аст. Мактаб-интернати номбурда муассисаи махсуси таълимӣ (ҳамчун типи мактаб-интернат барои кӯдакони имконияташон маҳдуд) маҳсуб ёфта, анқариби ним аср (аз 18.07.1979, №63, фармоиши вазири маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон) фаъолияти амалии пурмаҳсул дорад.

Барои хонандагони мактаб-интернати мазкур китоби дарсии “Алифбо” ва “Инкишофи нутқ” омода шудааст. Омӯзгорон М.Неъматова ва Ш.С.Шодмонов барномаи фанни забони тоҷикиро барои синфҳои ибтидоии мактабҳои кӯдакони шунавоияшон суст таҳия кардаанд, ки барои танзим ва мураттаб ҷараён ёфтани раванди таълими чунин категорияи хонандагони имконияташон маҳдуд саҳми арзанда дорад.

Айни замон теъдоди муассисаҳои таҳсилоти фарогир дар қаламрави мамлакат зиёд буда (мувофиқи маълумоти Вазорати маориф ва илми ҶТ аз соли 2017 зиёда аз 80 адад), 18-тои онҳо мактаб-интернатҳои иҷтимоии омехта, 13 ададашон бо таълиму тарбияи кӯдакони имкнияташон маҳдуд фаъолият мебаранд. Дар ҷумҳурӣ 5 кӯдакистони табобатӣ (санаторӣ) барои кӯдакони гирифтори бемории сил мавҷуд аст. Боиси эътироф аст, ки созмонҳои байналмилалӣ ва миллӣ дар роҳи ҳамкорӣ оид ба рушди низоми таҳсилоти фарогир дар Тоҷикистон ҳиссаи арзанда мегузоранд.

Натиҷаи таҳқиқот собит месозад, ки ба бачагони дорои имкониятҳои маҳдуд ва ноқисиҳои саломатӣ (зеҳнӣ, ҷисмонӣ) мутавассит шудан ва роҳ ёфтан ба низоми таҳсилоти фарогир дар мактабҳо ва синфхонаҳои махсус бобати пешрафти онҳо, баланд шудани сифати омӯзиш ва парвариш мусоидати комил менамояд. Хоса, баробарҳуқуқии бачагони ба таҳсил талаботи махсусдошта риоя гардида, рағбат ва шавқу завқи онҳоро ба донишандӯзӣ, иштироки фаъол ва муштаракро дар чорабиниҳои гуногуни мактабӣ ва минтақавӣ бедор ва афзун месозад.

Хушбахтона, дар Тоҷикистон барои кӯдакони ба табобати тӯлонӣ эҳтиёҷдошта мактабҳои таълими умумии солимгардонии санаторӣ, мактаб-интернатҳои санаторӣ, хонаҳои санатории бачагона тадбири бунёд ва амал кардан пешбинӣ шудааст. Дар қаламрави шаҳр ва навоҳии Панҷакент алъон чунин муассисаҳо бобати таъмини таълим ва тарбияи кӯдакон ва бачагони дорои имкониятҳои маҳдуд вуҷуд дорад.

Фасли дуюми боби сеюми диссертатсия – “**Мақоми омӯзгору волидон ва ҳамкории тарафайн дар роҳандозӣ ва татбиқи босифати таҳсилоти фарогир ва иҷтимоишавии бачагони дорои имконияташон маҳдуд”** ном дошта, ҳамкории омӯзгор ва волидон, муносибати бошуурона, одилона ва оқилонаро нисбати бачагони ба таҳсил ниёздошта, ҷомаи амал пӯшидани ормонҳои хонаводаро дар таълим ва тарбияи фарзандони нуқсондор, таъмини босифати низоми таҳсилоти фарогир дарбар мегирад.

Дар робита ба масъалаи ҳамкории омӯзгорон ва волидони бачагони дорои имкониятҳои маҳдуд роҳандозӣ намудани принсипи “робитаи муттасил ва ногусаста” бағоят муҳим ва зарур дониста мешавад. Дар ин росто вазифаи волидон аз он иборат аст, ки ба омӯзгорон пайваста аз вазъи саломатии фарзандони дорои имконияташон маҳдуд маълумот пешкаш намоянд. Аз ҷумла, волидон бо омӯзгорон бобати рафтору кирдори бачагон, ҳолати руҳӣ ва рағбату иштиёқ мубодилаи афкор менамоянд.

Фасли ниҳойии боби сеюми рисола ба “**Роҳҳои такмили таҳсилоти фарогир ва арзёбии натиҷаҳо дар партави консепсияи таҳсилоти фарогир ва иҷтимоишавии бачагони дорои имконияташон маҳдуд**” бахшида шудааст. Таъкид мегардад, ки омодасозии мутахассисони соҳаи таҳсилоти фарогир, таҳияи воситаҳои махсуси таълимӣ (барномаҳо, китобҳои дарсӣ, воситаҳои айёнӣ, технологияи муосири иртиботӣ-иттилоотӣ), саҳми вазоратҳо, ташкилотҳои ғайридавлатӣ, Марказҳо, Ҷамъиятҳо, волидон ва ҷомеа муассир буда, бобати ҷалби кӯдакону бачагони дорои имкониятҳои маҳдуд ба таҳсилоти фарогир ва фаъолияти иҷтимоии онҳо саҳми арзанда мегузорад.

Дар ин фасл такмили раванди таҳсилоти фарогир, мутобиқгардонии барномаҳои таълимӣ, баланд бардоштани савияи дониш, маҳорат ва салоҳияти омӯзгорон ва мутахассисон (психологҳо, логопедҳо, дефектологҳо, сурдопедагогҳо, олифренопедагогҳо) ба мадди аввали

баррасӣ ва роҳандозӣ гузошта шудааст. Дар ин росто коркард ва таҳияи барномаҳои махсуси таълимӣ ва фароҳам овардани шароити мусоид барои иҷтимоишавии бачагони нуқсондор дар чаҳорчӯбаи таҳсилоти фарогир аз вазифаҳои муҳим маҳсуб меёбад.

Дар шароити муосири роҳандозии таҳсилоти фарогир истифода аз воситаҳои махсус ва техникии таълим барои вусъат ёфтани майлу рағбат ва иштиёқи омӯзишии бачагони дорои имкониятҳои маҳдуд саҳми босазо мегузорад. Истифода аз карточкаҳо, варақачаҳои рангдор, воситаҳои махсуси иртиботӣ (планшетҳо), ки бо барномаҳои мутобиқгардида, амсоли АЛПЭКС+ таҳия шудаанд ва барои кӯдакону бачагони кару гунг барои баёни фикр ва муошират бо омӯзгорону мураббиён бо ҳадафҳои иҷтимоишавӣ пешбинӣ ва омода карда шудаанд, ба қабили воситаҳои махсуси техникӣ ворид мешаванд.

“Барои омӯзгоре, ки таҳсилоти фарогирро дар амал татбиқ мекунад, хеле муҳим аст, ки аз ҳамаи васоили имконпазир барои осон гардондани дарк, фаҳмиш ва мустаҳкам кардани маводди таълимӣ, аз ҷумла, ташкили кори амалии хонандагон дар синф истифода кунад” [14, с.113]. Таҷриба собит мекунад, ки воситаҳое, амсоли расм-пиктограмма (суратҳои тарҳдор), маводди айёнии суратдор (тасвирҳо), варақа-нақшаҳо ҳамчун алгоритми ташаккули фаъолияти зеҳнии муҳассилин, ҳарфҳои аз коғази ғафс ё ранга буридашуда, кубчаҳои чӯбин, пластилин, порчаҳои матоҳои гуногун ва ҳоказо аз манфиати муассир холӣ нест.

Муҳаққиқони ватанӣ дар назаранд, ки “барои танзими ҳолати шахсӣ ва рафтори бачагони БТМ (бачагони талаботи махсусдошта) дар дарс, бартараф кардани шиддат ва ё баръакс баланд бардоштани лаҳну овоз низ аз маводди мухталиф истифода мекунанд: халтачаҳои бо заррaҳои гуногун пуршуда, ҷисмҳои нарми паралонӣ, химчаҳо, часпакҳо мӯҳраҳо ва ғайра. Пеш аз он ки ашёеро ба хонанда пешниҳод кунем, назорат мекунем, ки кадоме аз онҳо бачагонро ором мекунанд, кадоме аз онҳоро бештар дӯст медоранд. Бояд ба кӯдак фаҳмонем ва ё нишон диҳем, ки ин ашё на танҳо барои бозӣ, балки барои беҳтар кор кардан дар дарс лозиманд” [14, с. 114].

Рушди муосири технологияҳои замонавӣ, аз ҷумла, технологияи ассистивӣ (ёрирасон) ҳамчун барномаи махсус барои кӯдакон ва бачагони нобино ва камбино тавассути клавиатураҳои мутобиқшудаи компьютер, аудио ва видеокитобҳо ба кӯдакон ва бачагони дорои нуқсонҳои биноӣ барои расидан ба матлаби омӯзиш ва иттиллоту иртибот (муошират) қадами бағоят нишонрас дар фазои таҳсилоти фарогир маҳсуб меёбад. Алъон истилоҳи “технологияи ассистивӣ” дар педагогикаи ватанӣ бори нахуст садо медиҳад ва мутмаинем, ки ҷанбаҳои муҳимми ин самти таҳсилоти фарогир минбаъд мавриди омӯзиш ва баррасии комил қарор хоҳад ёфт.

Дар ин фасл оид ба амсилаи ташкили раванди таҳсилоти фарогир муфассал сухан меравад, хоса, бобати таълими тафриқавӣ. Усули

тафриқавии таълими бачагони дорои нуқсонҳо ва норасоиҳои гуногун тавассути тарзу усули фарқкунанда (тафриқа) арзёбӣ мегардад. Дар раванди таълиму парвариши бачагони дорои маҳдудиятҳои саломатӣ роҳу равиши инфиродии омӯзиш бо истифода аз методҳо ва технологияҳои замони муосир пешниҳод мегардад.

Дар рафти таҳқиқот мо ба таҷрибаи пешқадами кишварҳои дунё бобати истифода аз технологияҳои муосири инклюзивӣ, методҳо, моделҳо назари таҳлил ва омӯзиш кардем, ки ба шароити таҳсилоти фарогир имкони мутобиқат дорад. Чунончи, таҷрибаи таҳсилоти фарогир дар Русия бештар ду равиши санҷидашударо роҳандозӣ мекунад: ***мейнстриминг*** (ҳамгирой ва фаъолияти якҷояи бачагони дорои имкониятҳои маҳдуд ва бачагони солим) ва ***синфҳои ресурсӣ*** (модели таълими бачагони дорои нуқсонҳо дар синфҳои махсус бо педагогҳои соҳибтаҷриба).

Синфҳои ресурсӣ бобати таҳсили бачагоне роҳандозӣ гардидааст, ки иллати аутизм доранд. Дар чаҳорчӯбаи таҳқиқоти мазкур мо тасмим гирифтем, ки оид ба вазъи таълими бачагони дорои бемории аутизм дар шаҳру навоҳии Панҷакент маълумот дошта бошем. Табиати бемории аутизм дар он аст, ки он ба рушди руҳии (психикӣ) халал расонида, пеши роҳи инкишофи равонии бачагонро бозмедорад. Чунин афроди дорои бемории аутизм асосан дар синфҳои махсус ба таҳсил фаро гирифта мешаванд, вале имкони муошират ва ҳамроҳ будан бо ҳамсолони худро доранд, ҳангоми чорабиниҳои беруназсинфӣ якҷоя бо бачагони солим ширкат меварзанд. Хусусияти асосии кор бо чунин тоифаи бачагон дар он аст, ки дар раванди таълим муносибати инфиродӣ истифода карда мешавад.

То ҳол 22 нафар кӯдакони дорои бемории аутизм ба мактаб ва 8 нафар ба боғчаи кӯдакона мераванд. Педагогҳо ва кормандони иҷтимоӣ бо кӯдаконе, ки мушкилоти нутқ доранд, машқу машғулиятҳои логопедӣ мегузаронанд. Нақшаи инфиродии таҳсили кӯдакон вобаста ба эҳтиёҷоти онҳо барои инкишофи зеҳнӣ, эҷодӣ, малакаҳои муошират, малакаҳои худхизматрасонӣ, рафтор дар зиндагӣ ва ҷойҳои ҷамъиятӣ таҳия мегардад. Инчунин аз ҷониби кормандони иҷтимоӣ машғулиятҳои гурӯҳӣ бо кӯдакони имконияташ маҳдуд бо назардошти имкониятҳои ҷисмонӣ ва қобилияти зеҳнии онҳо гузаронида мешавад. Барои гузаронидани машғулиятҳои гурӯҳӣ утоқи махсус ҷиҳозонида шуда маводҳои лозима дастрас мебошад.

Номгӯи бемориҳо ва гурӯҳбандии шумораи бачагон ва кӯдакони дорои имкониятҳои маҳдуд дар ҳудуди шаҳри Панҷакент дар марҳилаи ба анҷомрасии таҳқиқот дар диаграмма оварда мешавад:

Диаграммаи 1



Тавсифи умумии мактабҳои дорои синфҳои инклюзивӣ нишон дод, ки дар аксари муассисаҳои таҳсилот синфҳои инклюзивӣ мавҷуданд, вале мавҷудияти шароити мусоид барои бачагони дорои имконияташон маҳдуд беҳбудӣ мехоҳад. Хушбахтона, аксари мактабҳо бо Ташкилоти ҷамъиятии "Нури умед" ва Маркази нерӯбахши ш. Панҷакент робитаи зичи ҳамкорӣ доранд, бо дастуру тавсияҳои методии донишмандони ватанӣ Каримова И.Х., Маҷидова Б., Юнусова Н.М., Байзоев А. ва дигарон шинос мебошанд.

Дар рафти санҷиш-озмоиш тариқи пурсишнома ташхиси омӯзгорон дар самтҳои зерин ба амал оварда шуд: муносибати омӯзгор ба бачагони дорои имконияташон маҳдуд; муносибат ба таҳсили якҷояи муҳассилини солим ва дорои нуқсонҳо; омодагии омӯзгор дар самти оғози фаъолият дар муҳити таҳсилоти фарогир; ҳисси эътимод ва боварии комили омӯзгор ба фаъолияти инклюзивӣ; арзёбии салоҳияти шахсӣ аз ҷониби омӯзгор.

Сохтори анкета:

Бахш	**Чиҳо санҷида шуд?**
арзишмандӣ	қабули ғояи инклюзия
ҳиссиётӣ	боварӣ, тарс, андеша
муносибат	омодагии фаъолият дар муҳити ТФ

Дар рафти таҳқиқот мо кӯшиш кардем, ки масъалаи омодагии омӯзгорро ба фаъолият дар шароити таҳсилоти фарогир пурратар ташхис намоем. Дар ин росто якчанд ҷузъҳои омодагии омӯзгорро муқаррар кардем. Аз ҷумла:

Ҷузъ	**Мазмун**
мотиватсионӣ	майлу рағбати касбӣ
когнитивӣ (зеҳнӣ)	дониши педагогикаи инклюзивӣ
амалӣ	маҳорату малака
шахсӣ	таҳаммулпазирӣ, ҳамраъйӣ
рефлексивӣ	қобилияти ба худ баҳо додан

Дар робита ба ташхиси салоҳияти касбии омӯзгорони муҳити инклюзивӣ бо волидон дар доираи "технологияи тренингӣ" бояд гуфт, ки он

ҳануз дар сатҳи начандон дилхоҳ қарор дорад. Истифода аз технологияи тренингӣ на танҳо донишҳои қавии соҳаи таҳсилоти фарогир, балки таҳаввули тафаккури касбӣ-педагогии интиқодӣ, ба назари эътибор гирифтани андешаю қарори волидонро дар самти мавқеи шахсӣ тақозо мекунад.

Барои санҷидани роҳу равиши технологияи тренингӣ муассисаҳои таҳсилоти ноҳияи Панҷакент низ ба доираи таҳлил ва мушоҳидаю омӯзиш ворид карда шуда, ҳамкории волидон ва омӯзгорон низ мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор гирифт. Ҳамаи 62 нафар бачагони дорои имкониятҳои маҳдуд, ки ба таҳсил фаро гирифта шудаанд ва ҳамроҳи ҳамсолони худ аз рӯйи нақшаи махсуси таълимӣ дарс мехонанд, аз назари санҷиш ва озмоиш гузаштанд. Вазифаи асосии волидон аз он иборат буд, ки пас аз машғулиятҳо мувофиқи тавсияи омӯзгорон бо фарзандони дорои нуқсонҳои гуногун аз бололи онҳо назорат баранд ва дар иҷрои супоришу вазифаи хонагӣ кӯмак кунанд.

Натиҷабарорӣ аз маълумотҳои дастрасшуда моро ба чунин хулоса овард:


1. Дар аксари мактабҳо барои таълими бачагони дорои имконияшон маҳдуд шароити мусоид мавҷуд нест.

2. Бобати ҳамкорӣ бо ташкилотҳои ҷамъиятӣ, Маркази нерӯбахшӣ ва мавҷудияти синфхонаҳои захиравӣ ҳочати сухан нест (дар шароити деҳот синфхои захиравӣ барои расонидани ёрии терапевтӣ, омӯзишӣ, истироҳати сенсорӣ, машғулиятҳо бо мутахассисон барои мутобиқшавии бачагони дорои имкониятҳои маҳдуд ба муҳити мактаб ва омӯзгорон комилан вуҷуд надоранд).

3. Таъмини омӯзгорон бо дастурҳои методӣ оид ба таҳсилоти фарогир беҳбудӣ мехоҳад, зеро дар ин самт танҳо баъзе аз омӯзгорон дар китобхонаи шахсӣ ва электронӣ маводҳои зарурро ҷамъ овардаанду истифода мебаранд.

4. Ҳамкории баъзе аз мактабҳои ноҳия бо ташкилоти ҷамъиятии “Нури умед” фақат ба хотири ҷудо кардани аробача барои бачагони маъюб маҳдуд асту халос ва он ҳам бо ташаббус ва азамату ҳиммати тарафайн амалӣ мегардад.

5. Шумораи бештари бачагони дорои имконияташон маҳдуд дар онҳо эҳсос шудани нуқсонҳои рушди ақлонӣ-зеҳнӣ (интеллектуалӣ) мебошад (тақрибан 50 нафар аз миқдори умумӣ) (6). Гуруҳи дигарро бачагоне ташкил мекунанд, ки норасоиҳои рушди ҷисмонӣ доранд (фалаҷи сутунмуҳра (ФС), маслух, ношунавоӣ/камшунавоӣ, биноӣ). *Ниг. ба диаграмма.*



Бо мақсади омӯзиш, таҳлил ва ҷамъбасти гузориш ва ҳаллу фасли масъала тасмим гирифтем, ки бо ҳайати роҳбарикунандаи муассисаҳои таҳсилоти ноҳияи Панҷакент пурсишнома гузаронем. Суолҳо пешакӣ омода шуда, бештар ба ҷанбаи мусбӣ ва проблемаҳое, ки дар ҷалби бачагони дорои имкониятташон маҳдуд мавҷуданд, равона гардид. Аз ҷумла:

1. Назари Шумо ба ташкил ва густариши таҳсилоти фарогир чӣ гуна аст?

2.Кадом гуруҳи бачагони дорои имкониятташон маҳдуд дар муассисаи Шумо таҳсил мекунанд?

3.Ҷанбаҳои мусбии таҳсилоти фарогир зиёданд, ё манфӣ?

4. Муносибати хонаводаҳо, махсусан, волидон ба ҷалби фарзандони дорои норасоӣ ва нуқсонҳои мухталиф ба ҷараёни таълиму тарбия чӣ гуна аст?

5. Оё ҳамкории волидон ва мактабро дар ин росто мусбӣ гуфтан салоҳ аст?

6. Мавқеи касбии омӯзгорон ва омодагии онҳо ба раванди таҳсилоти фарогир дар кадом вазъ қарор дорад?

7. Барои мураттаб сурат гирифтани низоми таҳсилоти фарогир чӣ гуна монеа ва мушкилоти моддӣ-молиявӣ мавҷуд аст?

8. Оё дар муассисаи Шумо дастур ва тавсияҳои методӣ оид ба хусусиятҳои таълими бачагони дорои имкониятташон маҳдуд мавҷуд аст?

9. Оё Шумо дар ягон семинар, тренинг ва курси махсус дар робита ба моҳият, аслият ва табиати низоми таҳсилоти фарогир иштирок кардед?

10. Пешниҳодҳои мушаххаси худро бобати афзалият ва норасоиҳои таҳсилоти фарогир баён намоед.

Натиҷаҳои пурсишро тавассути таҳлил ва омӯзиши ҷиддии ҳар як саволу ҷавоб аз назар гузаронидем. Онро дар доираи **таблитсаи** зерин вобаста ба саволҳои 1-9 пешниҳод менамоем:

Саволи 1 – мусбӣ; саволи 2 – бештар маъюбон; саволи 3 - мусбӣ; саволи 4 – мусбӣ; саволи 5 – 70-75%; саволи 6 – 55-60%; саволи 7 – моддӣ-молиявӣ; саволи 8 – қисман; саволи 9 – не (80%); ҳа (20%).

Савол	**Натиҷа**
Саволи 1	Мусбӣ
Саволи 2	бештар маъюбон
Саволи 3	Мусбӣ
Саволи 4	Мусбӣ
Саволи 5	70–75%
Саволи 6	55–60%
Саволи 7	моддӣ-молиявӣ
Саволи 8	Қисман
Саволи 9	Не – 80%; Ҳа – 20%

Оид ба саволи 10 маълум шуд, ки кулли сарварони муассисаҳои таҳсилот ва омӯзгорон аз ғояҳои консептуалии таҳсилоти фарогир огоҳии комил доранд. Онҳо падидаи гуманистии “Таҳсил барои ҳама”-ро ҳамчун арзиши бузурги инсонӣ ва умумибашарӣ қабул намуда, ҷалби кӯдакону бачагони дорои нуқсонҳои ҷисмонӣ, ақлӣ, зеҳнӣ, руҳӣ ва амсоли онро ба раванди таълиму тарбия кори зарур, амали хайр ва вазифаи муқаддаси ҳар як мактаб, хонавода ва ҷомеа қабул карда, худро узви баробарҳуқуқи ҷамъият маҳсуб донанд.

Хулосаҳои ба дастомада моро водор месозанд, ки камбудиҳои кулли омӯзгоронро дар самти омодагии касбӣ ба низоми таҳсилоти фарогир шарҳу эзоҳ дода бошем:

1. Кулли омӯзгорон салоҳияти мутобиқ сохтани маводи таълимиро ба қудрату нерӯи заифи бачагони дорои нуқсонҳои ақлӣ ва зеҳнӣ надоранд. Сабаби асосӣ дар омода набудани онҳо дар самти таҳсилоти фарогир, сари вақт нагузаштани курсҳои такмили ихтисос, дар мақомоти идораи маориф мавҷуд набудани мутахассис-методисти босалоҳият бобати таҳсилоти фарогир мебошад.

2. Ташкили самараноки низоми таҳсилоти фарогир аз омилҳои гуногун сарчашма мегирад:

- мавҷудияти мушовирон-ёварон аз ҷумлаи тюторҳо, волидон, мутахассисони соҳаҳои тиб, равоншиносӣ, ҳуқуқшиносӣ;

- махсусан, фаъолияти равоншиносон дар ин самт барҷаста ба назар мерасад, зеро онҳо бештар ба дили бачагон роҳ меёбанд, мутмаин месозанд ва қудрати ба кор андохтани неруҳои ақлӣ ва зеҳнии онҳоро доранд;

- ҳамкории пайваста ва ҷиддии омӯзгорон ва волидон дар густариши оқилонаи ҷалби бачагони дорои имконияташон маҳдуд ба таълим ва тарбия;

- маҳорати омӯзгор дар арзёбии дониши бачагони дорои нуқсонҳои ақлӣ ва зеҳнӣ. Мутаассифона дар ин росто омӯзгорон ҳар яке ба таври худ, бо меъёрҳову ченакҳои хоси интихобкардаи хеш амал мекунанд ва дар аксари ҳолатҳо бачагони носолим на ҳамеша аз баҳои гирифтаи худ розӣ ва хурсанд шуда метавонанд.

3. Проблемаи дигаре, ки мо дучор омадем, бештар ба маҳорат ва салоҳияти касбии омӯзгор робита дорад. Гап сари он меравад, ки на ҳамаи омӯзгорон дар лаҳзаҳои асабонӣ шудани бачагони дорои нуқсонҳои ақлӣ ва зеҳнӣ чӣ гуна рафтор кардан ва ором сохтани онҳоро медонанд. Баъзан муносибати худи омӯзгорон боиси бештар асабонӣ шудани ашхоси дорои нуқсонҳои маъмулиро ба амал меорад. Чунин лаҳзаҳо аз мавридҳои муташанниҷи робитаи омӯзгору муҳассилини дорои норасоиҳо буда, дили онҳор аз таҳсил ва омӯзишу рушд хунук мекунад. Мутаассифона, ин ҳолат ғайримуқаррарӣ нест,зеро робита бо бачагони дорои имконияташон маҳдуд кори басо душвор ва серташвиш маҳсуб меёбад.

ХУЛОСАИ УМУМӢ

Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ

Гузориши масъала ва роҳу равиши паҳлуҳои мубрам ва умдаи рушди таҳсилоти фарогир дар шароити муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон моро ба чунин хулосаҳои умумӣ водор месозад:

1. Фароҳам овардани муҳити таҳсилоти фарогир дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ аз масъалаҳои асосӣ ва калидӣ дар самти таҳияи низоми мураттаб ва муназзами раванди ин иқдом ва ташаббуси хайрандеш мебошад.

2. Таҳсилоти фарогир на танҳо масъалаи педагогӣ, балки иҷтимоӣ, фарҳангӣ, ҳуқуқӣ ва рукни таркибии таваҷҷуҳ ва тақозои ҷомеа мебошад. Дар таҳияи низоми мураттаб ва мақсадноки таҳсилоти фарогир дар шароити Тоҷикистон баррасии масъалаҳои марбут ба ташкили муҳити таҳсилоти фарогир дар робита ба имкониятҳои фаровони мавҷуда матраҳ ва таҳқиқу баррасӣ гардид.

3. Дар рафти таҳлилу баррасӣ яқин гардид, ки таҳсилоти фарогир ҳамчун падидаи наву тозаи раванди таълиму тарбия ва иҷтимоишавии субъектҳои махсуси ҷомеа (яъне онҳое, ки дорои имкониятҳои маҳдуд ва талаботи махсус ба таҳсил мебошанд) дар асоси принсипҳои муайян роҳандозӣ мегарад.

4. Таҳсилоти фарогир ҳамчун падидаи наву тозаи раванди таълиму тарбия ва иҷтимоишавии субъектҳои махсуси ҷомеа дар асоси принсипҳои муайян роҳандозӣ мегарад. Аз ҷумла:

- таҳсилоти босифат дар заминаи густариши ҳамкорӣ ва робитаҳои мутақобила;

- кӯдакон ва бачагони дорои имкониятҳои маҳдуд ба муҳити созгори иҷтимоӣ ва ҳамкорӣ ниёз доранд;

- барои бачагони дорои нуқсонҳои солимӣ, зеҳнӣ, ҷисмонию руҳӣ ҳатто камтарин пешравӣ ва дастоварди дар таълиму омӯзиш мӯҷиби дилбастагӣ ва майлу рағбати табиӣ (мотиватсия) мегардад.

5. Дар раванди таҳсилоти фарогир татбиқи амалии ғояи аз амсилаи “тафриқа” ба модели “фарогирӣ” ҳамчун масъалаи асосӣ ба амал меояд. Ин амсила дар таҷрибаи пешқадами аксар мамлакатҳои ҷаҳон дар тавассути модели сегрегативӣ, ки моҳиятан таъсиси мактабҳои махсуси фарогирро дар назар дорад, амалӣ мегардад.

6. Барои шароити Тоҷикистон соҳаи инклюзия ҳамчун стратегияи олии иҷтимоӣ ва рушди сифати таҳсил пазируфта шуд. Аз ҷумла, самти иҷтимоии он раванди хеле одилона ва инсондӯстонаи баробарҳуқуқии афроди дорои имкониятҳои маҳдуд ба маънои том мебошад.

7. Омӯзгорону волидон ва кулли дастандаркоронро зарур аст, ки роҳу равиши таълими босифат, муҳити созгори инклюзивиро интихоб ва роҳандозӣ

намуда, маводҳои таълимро мувофиқи донишу имкониятҳои воқеии бачагони дорои имкониятҳои маҳдуд ба нақша гиранд ва амалӣ намоянд.

8. Таҳқикот ошкор сохт, ки таълим дар мактабҳои махсуси фарогир ва дар синфҳои анъанавии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ (дар сурати мавҷуд набудани мактабҳои махсуси фарогир) ҳам барои кӯдакону бачагони солим ва ҳам дорои нуқсонҳои гуногуни ҷисмонӣ, зеҳнӣ, солимӣ аз аҳаммият холӣ нест, зеро таҳсили якҷоя бо хонандагони солим ва пешқадам рағбати ашхоси дорои имкониятҳои маҳдудро, андаке ҳам бошад, меафзояд.

